Бо андешаи яке аз олимони маъруфи тоҷик, шодравон Ҳамидов Халифабобо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади идеологӣ қабл аз ҳама ормонҳои ҷомеаро инъикос намуда, аз маҷмӯи андешаҳо ва афкорҳо иборат мебошад. Гузашта аз ин, худи қонуни асосӣ дар тӯли таърихи мавҷудияташ дар миёни миллату давлатҳои мухталиф василаи бозиҳои идеологии онҳо қарор гирифтааст. Воқеият чунин аст, ки қонуни асосӣ рӯи мафкураи мушаххас устувор мебошад. Ҳар меъёр ва ҳар бахши қонуни асосӣ сарфи назар аз мазмуни танзимашон, хоҳ сухан дар бораи ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ равад ва ё ба вазъи ҳуқуқии инсон ишора кунад, аз мағзи мафкуравӣ бархӯрдоранд. Аз ин рӯ, қонуни асосӣ аз санаде, ки рӯи усули ҷаҳонбинии мушаххас устувор аст намояндагӣ намуда, аз ин роҳ ба ҳаёти маънавии ҷомеа таваccути интишори афкор, тасаввурот ва арзишҳои мушаххаси сиёсиву ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ ворид мекунад. Маҳз ҳамин хусусияти қонуни асосӣ ифодакунанда ва муайянкунандаи идеологияи мустақили давлат мебошад.

Фикри худро идома дода, Халифабобо Ҳамидов қайд мекунад, ки ба идома ва такмили андешаҳои худ Сарвари давлат нақш ва мавқеи қонуни асосиро дар муқаррар намудани асоси соҳибихтиёрии мардум муайян кардааст, ки аз тариқи иштироки бевоситаи мардум дар интихоб кардани шакли ҳокимияти сиёсӣ, таъсис додану рӯйи кор овардани мақомоти олии давлатӣ ва инчунин дар муайян кардани масъулияти онҳо дар назди халқ зоҳир мегардад [4].

Ҳамин тариқ Конститутсияи соли 1994 ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ асоси соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани Тоҷикистонро мустаҳкам намуд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, барои рушди ҷомеаи демократӣ асос гузоштааст.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Тошев А.М. Конституция Республики Таджикистан 1994 года // Публичное и государственное право. №1 (9). 2011. - С. 35.
2. Солиев К.Х. Новый подход к проблеме смертной казни // Труды Академии, № 6. – Душанбе: Академия МВД Таджикистана. 2003. - С. 31-37.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.04.2013. - Душанбе, 2013. - С.47-48.
4. Ҳамидов Ҳ. Президент Э.Ш. Раҳмонов - бунёдгузори давлати муосири тоҷикон. - Душанбе: Қонуният, 2006.

# ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКИИ МАХСУС ВА ДАРКНАМОИИ МАХСУС ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СПЕЦИАЛЬНЫХ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ ПОЗНАНИЙ ПРИ ПРОВЕДЕНИИ СЛЕДСТВЕННЫХ ДЕЙСТВИЙ

# THE USE OF SPECIAL TECHNICAL MEANS AND SPECIAL KNOWLEDGE IN CONDUCTING THE INVESTIGATION



**МАЪРУФИЁН Б.М.**
*дотсенти кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулоддаи факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*



**ҲАЙДАРЗОДА Ш.Х.**
*сардори факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, полковники милитсия*

***Аннотатсия***: Дар мақола муаллифон кӯшиш кардаанд, ки муҳиммияти рушди илмӣ-техникиро барои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, истифодаи воситаҳои техникӣ ва истифодаи дарккунии махсусро дар раванди таҳқиқу тафтишот ва пешгирии ҷиноятҳо бо назардошти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои муфаттиш, таҳқиқбаранда нишон диҳанд.
***Вожаҳои калидӣ:*** техника, рушд, илм, техникаи махсус, ҳуқуқ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, дастовард, иттилоот, экспертиза, аудио, видео, амалҳои тафтишӣ, даркнамоии махсус.

***Аннотация***: В статье авторы попытались доказать значение научно-технического прогресса в деятельности правоохранительных органов, в частности, органов внутренних дел, а также значение использования специальных технических средств для следователя и дознавателя при проведении дознания, следственных действий и пресечения преступлений.
***Ключевые слова*:** техника, прогресс, наука, специальная техника, право, правоохранительная деятельность, информация, экспертиза, аудио, видео, следственные действия, специальные познания.

***Annotation*:** In their article, the authors tried to show the importance of scientific and technological progress in the work of law enforcement, in particular internal affairs bodies, as well as the importance of the use of special technical means during the inquiry, investigation and combating of crimes based on criminal procedural law for the investigator and the inquiry officer.

***Keywords***: technology, progress, science, special science, law, law enforcement activities, achievement, information, expertise, audio, video etc, special knowledge, conducting the investigation.

**М**ақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, ҳифзи муҳити атроф, моликият, ҳимояи сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар гуна кирдорҳои ҷинояткорона восита ва усулҳои махсуси мурофиавӣ-ҷиноятӣ, криминалистӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ғайраро истифода бурда, имконият пайдо менамоянд, ки ҷиноятҳои содиргардида ошкор ва ҷиноятҳои содиршаванда пешгирӣ карда шаванд. Албатта, ҷиҳати зуд ва пурра ошкор кардани ҷиноятҳо, фош сохтани гунаҳкорон, ҷамъ кардани далелҳои кофии фошсозандаи кирдорҳои ҷинояткоронаи айбдоршавандае, ки худро гунаҳкор ё бегуноҳ меҳисобад, мақомоти мазкур, шахсони алоҳидаи мансабдори давлатӣ, ки мурофиаи тосудии парвандаи ҷиноятӣ ва пешбурди ҷараёни судиро ба ухда доранд, аз гузаронидани намудҳои гуногуни амалҳои тафтишӣ бевосита истифода мебаранд.

Тавре ки дар Кодекси мурофиавии-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) [1] дарҷ гардидааст, бо роҳҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавии дигари дар қонун нишондодашуда, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҷиҳати пайдо ва ҷамъ кардани далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ фаъолияти хешро ба роҳ мемонанд.

Баъзе муҳаққиқони ватанӣ [2, - С.87] амалҳои тафтишӣ гуфта, фаъолиятҳои мурофиавии муфаттиш (шахси гузаронандаи таҳқиқи ибтидоӣ)-ро мефаҳманд, ки онҳо воситаҳои асосии муқаррар кардани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ моҳиятан аҳамиятдошта мебошанд.

Ба андешаи мо, амалҳои тафтишӣ бо хусусият ва моҳияти хеш, ҳаракатҳои дар доираи қонун амалкунандаи дорои сифатҳои кофтуковӣ, идрокӣ ва мақсаднокии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, бо мақсади дарёфт кардан, санҷидан ва мустаҳкам кардани далелҳои парвандаи ҷиноятӣ равона гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки яке аз роҳҳои асосии ҷамъ кардан, тафтиш намудан, баҳо додан ба далелҳо ва исбот кардани кирдорҳои ҷинояткоронаи айбдоршаванда дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ, дар давраи тосудӣ ва судӣ, ин истифода бурдани воситаҳои махсус ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз манфиат холӣ набуда, барои ҳаматарафа санҷидан ва баҳои дурусти объективӣ додану ҷамъ овардани далелҳо кумак мерасонад.

Истифодаи воситаҳои техникӣ ва истифодаи дарккунии махсус дар раванди таҳқиқу тафтишот ва пешгирии ҷиноятҳо, дар назди муфаттиш, таҳқиқбаранда ва суд, имконияти калонро оид ба ҷамъоварӣ, таҳқиқ, баҳодиҳӣ ва истифодаи далелҳо мекушоянд.

Ба ақидаи баъзе муаллифон [3] дар таҷриба ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва пешгирии ҷиноятҳо, одатан ду шакли дарккунии махсус ба кор бурда мешавад:

- бо назардошти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (экспертизаи судӣ, иштироки мутахассисон дар тайёр ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ);
- бе назардошти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (машварат ё маълумотномаи фаъолияти шахсони воқиф).

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дорои меъёрҳое мебошад, ки масъалаҳои гуногуни татбиқи воситаҳои техникӣ ва дарккунии махсусро дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо ба танзим медарорад. Аз ҷумла, қонунгузорӣ субъектони татбиқкунандаи воситаҳои техникӣ ва

истифодаи дарккунии махсус муайян намудааст.

Ба андешаи мо, ин ду гурӯҳи асосӣ ба якдигар алоқаманд мебошанд. Чунки, якум, субъектони умумӣ ваколатдоранд мустақилона якчанд амалҳои тафтиширо гузаронанд, аз ҷумла прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқу тафтишот ва мақомоти таҳқиқ. Чунин хулоса аз матни моддаҳои 37-39, 41 КМҶ ҶТ бармеояд, ки дар онҳо гуфта шудааст: «субъектҳои номбаршуда ваколатдоранд амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро мустақилона анҷом диҳанд».

Аз ин рӯ, масъулияти босифат ва самаранок гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба уҳдаи субъектони дар боло овардашуда гузошта шудааст.

Дар ҳолатхое, ки субъектҳои номбаршуда воситаҳои техникиро дуруст истифода бурда наметавонанд, онҳо бояд ба кумаки мутахассис ё коршиноси махсуси воситаҳои техникӣ муроҷиат намоянд.

Мутобиқи нишондоди қисми 1 моддаи 57 КМҶ ҶТ мутахассис шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набуда, дорои донишу таҷрибаи махсус аст ва барои мусоидат намудан ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар ошкор ё дарёфт намудани далел, асоснок кардани он, инчунин дар татбиқи воситаҳои техникӣ мумкин аст ҷалб карда шавад.

Инчунин тибқи қисми 1 моддаи 58 КМҶ ҶТ коршинос дар ҳолатхое даъват карда мешавад, ки барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён ояд.

Коршинос бо истифода аз воситаҳои техникӣ, шартҳои муайян, тадқиқоти махсусро гузаронида, оид ба натиҷаҳои он хулоса медиҳад.

Ҳадаф аз татбиқи воситаҳои техникӣ, пеш аз ҳама, дар ин зоҳир мегардад: барои мусоидат дар ошкор, мустаҳкамкунӣ, гирифтани мавод ва хуҷҷатҳо барои омӯзиши ҳолатҳои гуногун (моддаи 57 КМҶ ҶТ); расмгирӣ, банаворгирӣ ё киноплёнкаҳои далелҳои шайъие, ки бинобар калонҳаҷм буданаш ё бо сабаби дигар ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда намешаванд, аз ҷумла бузург ё зиёд будани мол, ки нигоҳдории онҳо мушкил аст ё бо сабаби дигар бо парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ доштанаш имконнопазир бошад (моддаи 79 КМҶ ҶТ); тайёр кардани протоколи амали тафтишӣ.

Дар қисми 2 моддаи 172 КМҶ ҶТ [1] омадааст: «протоколро дастӣ навиштан, дар мошинка чоп кардан ё ба тарзи компютерӣ тартиб додан мумкин аст. Барои мукаммал тахия намудани протокол мумкин аст сабтҳои стенографӣ, сабти овоз ва видео истифода шаванд. Сабти стенографӣ, маводи сабти овоз ва видео якҷоя бо парванда нигоҳ дошта мешаванд». Ба андешаи мо расмгирӣ, банаворгирӣ, аудио ва видеосабт низ бо мақсади номбурда, метавонанд истифода шаванд.

Ҷараён ва натиҷаҳои амалҳои тафтишӣ бо иштироки на камтар аз ду шахси холис, ки барои тасдиқи воқеияти пешбурди амали тафтишӣ, даъват мешаванд, анҷом мепазирад (қ. 1 моддаи 181 КМҶ ҶТ)]; инчунин дар протокол ҳамаи амалҳои муфаттиш, дар баробари он тамоми объектҳо ҳангоми азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ ошкоргардида бо ҳамон пайдарҳамие, ки азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ сурат гирифта буд ва дар ҳамон шакле, ки объекти ошкоргардида дар лаҳзаи азназаргузаронӣ ва шаҳодаткунонӣ мушоҳида шудааст, дарҷ мегардад (моддаи 187 КМҶ ҶТ); гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ (моддаи 196 КМҶ ҶТ); бақайдгирии нишондоди шахсони пурсидашуда (қ.5 моддаи 204 КМҶ ҶТ).

Имконияти истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми амалҳои тафтишӣ тибқи қ. 3 моддаи 171 КМҶ ҶТ пешбинӣ мешавад: «ҳангоми пешбурди

амали тафтишӣ мумкин аст воситаҳои техникӣ, усулҳои илман асосноки ошкоркунӣ, бақайдгирию сабт ва ёфта гирифтани изҳои ҷиноят ва далелҳои шайъӣ низ истифода шаванд».

Зиёда аз ин, воситаҳои техникии мушаххас (ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ сабтҳои стенографӣ, сабти овоз ва видео) метавонанд истифода шаванд. Дар чунин ҳолат, тибқи қисми 2 моддаи 172 КМҶ ҶТ сабти стенографӣ, маводи сабти овоз ва видео якҷоя бо парванда нигоҳ дошта мешаванд.

КМҶ ҶТ инчунин истифодабарии ҳатмии воситаҳои техникиро низ пешбинӣ мекунад, масалан, воситаҳои техникӣ ҳангоми дар ҷойи ҳодиса пайдо намудани ҷасадҳои шинохтанашуда, онҳо бояд ҳатман аксбардорӣ ва дактилоскопия карда шаванд (қисми 2 моддаи 184 КМҶ ҶТ).

Ҳамзамон, хусусияти маълумот оид ба воситаҳои техникӣ дар протоколҳои алоҳидаи амалҳои тафтишӣ қайд мегардад. Агар дар рафти пурсиш расмгирӣ, банаворгирӣ, аудио ва видео сабт амалӣ шуда бошад, пас протокол чунин маълумотро бояд дар бар гирад:

1) қайд дар бораи гузаронидани расмгирӣ, банаворгирӣ, аудио ва видеосабт; 2) маълумот дар бораи воситаҳои техникӣ, ки дар бораи шароити расмгирӣ, банаворгирӣ, аудио ё видеосабт, дар бораи боздоштани аудио ё видеосабт, сабаб ва давомнокии таваққуфи сабти онҳо; 3) аризаи шахсони пурсишшаванда оид ба гузаронидани расмгирӣ, банаворгирӣ, аудио ё видеосабт (банди 1, 2, 3 қисми 4 моддаи 200 КМҶ ҶТ).

Тартиби ба расмият даровардани натиҷаҳои татбиқи воситаҳои техникӣ дар ҷараёни баъзе аз амалҳои тафтишӣ чунин аст: дар протокол бояд нишон дода шавад, воситаҳои техникӣ, истифодабарии он дар ҷараёни баъзе аз амалҳои тафтишӣ, шарт ва тартиби истифодаи онҳо, объектҳое, ки нисбати онҳо ин воситаҳо истифода шудаанд ва натиҷаи онҳо.

Дар протокол ба ғайр аз он бояд сабт гардад, ки оё қабл аз татбиқи воситаҳои техникӣ дар ин бора шахсони дар пешбурди амали тафтишӣ иштирокдошта огоҳ карда шуда буданд (қисми 4 моддаи 172 КМҶ ҶТ).

Татбиқи воситаҳои техникӣ, шакл ва усулҳои он дар ҷараёни ошкоркунии ҷиноят, тафтишот ва пешгирии ҷиноят, мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд. Ба фикри мо, истифодаи воситаҳои техникӣ бояд илман асоснок, самаранок, камхарҷ, бехатар бошанд ва аз тарафи шахсони ваколатдоршуда тарзе истифода бурда шаванд, ки ба маҳдуд кардани ҳуқуқи шахс, паст намудани шаъну шарафи шаҳрвандон ва поймол намудани ҳуқуқи конститутсионии онҳо оварда нарасонад. Дар ҷараёни исбот намудан оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо ҳамон воситаҳои техникие истифода мегарданд, ки шакл ва усулҳои дастрасии он воқеъан дастовардҳои илмианд, санҷишҳои таҷрибавиро гузаштаанд ва ҳамзамон дар амалияи амалҳои тафтишӣ ва судӣ эътироф гардидаанд [3].

Натиҷаҳои истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми пешбурди амалҳои тафтишӣ, коркард гардида, инчунин аз тарафи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ баҳогузорӣ мешаванд.

Бештар шакли паҳнгаштаи истифодаи воситаҳои техникии махсус ин шакли истифодаи мурофиавии гузаронидани экспертизаи судӣ ба ҳисоб меравад, ки барои ҳалли масъалаҳои зарурӣ ва маҳорати даркунии махсуси илмиву техникӣ доранд, истифода мешаванд.

Ба андешаи баъзе аз муҳаққиқон, бо мақсади мукаммалии бештар, дар раванди инъикос ва натиҷагирии амалҳои тафтишӣ, метавонад воситаҳои гуногуни техникӣ (расмгирӣ, сабти овоз ва видеосабт) истифода шавад [4, - С.142].

Экспертизаи судӣ - ин амали мурофиавие, ки дар гузаронидани тадқиқот, аз ҷониби шахси воқиф, ки

бо супориши муфаттиш, таҳқиқбаранда ё суд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо пешниҳод гардидани мавод ва дигар ҳуҷҷатҳо, бо мақсади муқаррар намудани воқеъияти маълумот, ки барои парванда аҳамиятнок ва баровардани хулоса дар шакли муқарраркардаи қонун мебошад, зарур дониста мешавад.

Дар бисёр ҳолатҳо бе экспертиза гузаронидани мурофиаи судӣ ғайриимкон аст. Ин гуна тадқиқот ва таҳлили маълумот барои муайян намудани ҳақиқат дар як қатор парвандаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятӣ имкон медиҳад.

Ҳамин тавр, дар вақти мурофиаи судӣ экспертиза метавонад шахсро аз ҳукм озод ва ё баръакс иштироки ӯро дар соди кардани ҷиноят тасдиқ намояд. Баъдан, аз қонунӣ будани экспертиза хулоса мешавад, ки парванда дорои далели возеҳу равшан аст. Дар чунин ҳолат ҳар гуна қарори қабулгардида оид ба парвандаи ҷиноятӣ воқеӣ ва одилона хоҳад буд.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564. //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159; №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259; №7, мод. 714; №8, мод. 815; №12, қ. 1, мод. 1020; мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510; мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142; №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128; Қонунҳои ҶТ аз 14.05.2016 с., №1306; аз 23.07.2016 с., №1332; аз 23.07.2016 с., №1333.

2. Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми махсус: курси лексияҳо. - Хуҷанд: Хуросон, 2008. – 412 с.

3. Петуховский А.А., Шурухнов Н.Г. Доказывание в уголовном судопроизводстве, виды и порядок производства следственных действий (по УПК РФ 2001г.): Учебное пособие. - Москва-Тула, 2002.

4. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан: Учебник. // Под ред. Н.С. Маноновой, Ю.В. Францифорова, Р.Р. Юлдошева. – Душанбе: «ТАДЖПРИНТ», 2017. – 492 с.

# ҲОКИМИЯТ ВА ОППОЗИТСИЯИ СИЁСӢ

# ВЛАСТЬ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОППОЗИЦИЯ

# GOVERNMENT AND POLITICAL OPPOSITION



**НАЗРИЕВ К.Қ.**
*Унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

***Аннотатсия***: Дар мақола сухан оид ба муносибати мутақобилаи ҳокимият ва оппозитсияи сиёсӣ меравад. Мундаричаи асосии таҳқиқот дар таҳлили падидаи ҳокимият, оппозитсия, тарҳҳо ва сенарияҳои дискурси сиёсии ҳокимият ва оппозитсия зоҳир мешавад. Махсусиятҳои хоси баҳамалоқамандии ҳокимият бо ниҳоди оппозитсияи сиёсӣ дида баромада мешавад. Асоснок карда мешавад, ки баҳамалоқамандии ҳокимият ва оппозитсия нақши бузург дар рушди минбаъдаи кишвар дорад. Чунин муносибат барои мутахассисони соҳаи сиёсатшиносӣ ва кратология ҷолиби диққат мебошад. Масъалаи мазкур андак омӯзиш шуда, пажӯҳиши минбаъдаро тақозо дорад.
***Вожаҳои калидӣ***: ҳокимият, оппозитсияи сиёсӣ, захираи сиёсӣ, моҷаро, консенсус, муколамаи сиёсӣ.

***Аннотация***: В статье речь идет о взаимодействии власти и политической оппозиции. Основное содержание исследования заключается в анализе феноменов власти, оппозиции, модели и сценарии политической дискуссии власти с оппозицией. Выделяются и описываются характерные особенности взаимодействия власти с институтом политической оппозиции. Обосновывается идея о том, что взаимодействие власти и оппозиции играет огромную роль в дальнейшем развитии страны. Такой взгляд будет интересен специалистам в области политологии, так как по мнению автора данная проблема мало изучена и требует дальнейших исследований.
***Ключевые слова:*** власть, политическая оппозиция, политические ресурсы, конфликт, консенсус, политический диалог.

***Abstract***: This article deals with the interaction between the government and the political opposition. The main contents of the study is to analyze the phenomena of power, the opposition, models and scenarios of political debate with the opposition government. Stand out and describing the characteristics of the interaction of power with the political opposition Institute. It substantiates the idea that the interaction between the authorities and the opposition plays a huge role in the further development of the country. Such a view would be of interest to specialists in the field of political science, as the author's opinion, this problem poorly understood and requires further research.

***Keywords***: power, political opposition, political resources, conflict, consensus, political dialogue.

**М**асъалаи муносибати байни ҳокимият ва оппозитсияи сиёсӣ дар илми сиёсӣ назарҳои мухталиферо ба худ ҷалб намудааст. Аз замони пайдоиши ҳокимияти сиёсӣ то инҷониб институти оппозитсия онро дар ин ё он шакле ҳамроҳӣ менамояд. Ниҳоди оппозитсия дар баъзе мавридҳо дар нисбати ҳукумат хосияти қонунӣ ва дар баъзе мавридҳо хосияти ғайриқонуниро ба худ касб менамояд. Хосиятҳое, ки оппозитсия ба худ касб менамояд аз табиати ҳокимият, режими сиёсӣ бар меояд. Ҳокимият ва оппозитсия дар як масъала байни ҳам мубориза мебаранд. Он масъалаи ҳокимиятӣ буда, барои ба даст овардани захираи сиёсӣ мебошад. Табиати захираи сиёсӣ он қадар муҳим ва нозук аст, ки дар баъзе мавридҳо он сабаби моҷаро байни оппозитсия ва ҳукумат мегардад. Барои ба амал наомадани чунин ҳолат, ҳукумат дар баъзе мавридҳо аз нигоҳдории баъзе имкониятҳо даргузашта, онҳоро ба оппозитсия вомегузорад. Ё ин ки дар давраи дарози таърихӣ муборизаи оппозитсия ва ҳукумат асоси раванди сиёсиро ташкил менамояд. Тавассути муборизаи сиёсӣ ҳукуматҳои ҷадид ба сари ҳокимият омада, муқобилони онҳо дар мавқеъи оппозитсионӣ қарор мегиранд. Ҳамин тавр, ҳокимият чун ба вуҷуд омад, дигар он барҳам намехӯрад ва аз як неруи сиёсии ҳукмрон ба дигараш интиқол мешавад. Ҳокимият як шакли инъикоси энергия маҳсуб мешавад.

Захираи сиёсӣ ҳамчун объекти муборизаи байни субъектҳо (ҳокимият ва оппозитсия) маҳсуб мешавад. Ба сифати захираи сиёсӣ, ки омили муборизаи миёни ҳукумат ва оппозитсия мебошад, манфиатҳои гуногун метавонанд баромад намоянд, вале аз ҳама асоситарин манфиати сиёсӣ, ки хосияти меҳварӣ ва марказӣ доард, ин “идоракунии давлатӣ” мебошад. Идоракунии давлатӣ захираи сиёсии муҳим ба шумор меравад. Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар мубориза баҳри мақоми президент ва ё курси парламентӣ иштирок менамоянд, ҳадафи ягонаашон ин ба даст овардани захираи сиёсии мазкур мебошад. Идоракунии давлатӣ маркази муборизаи сиёсӣ баҳри ҳокимият мебошад. Дар ин муносибат сиёсат аз идоракунӣ ва идоракунӣ аз сиёсат ҷудо нест. Тасарруфи ҳокимияти давлатӣ, ин маънои идоракунии давлатиро дорад. Идоракунии давлатӣ имконияте мебошад, ки тавассути он субъекти соҳиби ҳокимият ҳадафҳо ва барномаҳои худашро амали намуда, манфиатҳояшро татбиқ менамояд.

Масъалаи муносибати ҳокимият ва оппозитсия чунин ба назар мерасад, ки хеле сода аст. Вале замоне он зери пурбини коршинос дида баромада мешавад, ҳолати наве кашф карда мешавад, ки он аз муборизаю бархӯрдҳо, ихтилофу моҷароҳо ва муколамаю консенсус таркиб ёфтааст. Муборизаи байни ҳокимият ва оппозитсия ин сиёсат аст [1]. Нахуст ҳокимият падидаи муқаддас маҳсуб мешуд ва оппозитсия дар ин ҳолат мавҷудияташ номумкин буд. Оппозитсия дар ин маврид ҳолати душмани сиёсиро касб карда буд, амалкарди он маънии зидди давлат ва ҷомеаро дошт. Баъди десакраликунонии ҳокимият муносибати байни ҳокимият ва оппозитсия ба ҳолати сифатан нав омад.

Муносибати байни ҳокимият ва оппозитсия ҳолатҳои гуногунро зоҳир менамояд. Он муносибатҳо дар шакли консенсус, моҷарои сиёсӣ (мусаллаҳона) метавонанд зоҳир шаванд. Дар адабиёти сиёсии ғарбӣ муносибати байни ҳокимият ва оппозитсияро бо исми «низоъ» унвон менамоянд, вале он ҳолати муборизаи ғайриосоиштаро ифода накарда, бархӯрди ақидаҳо, назарҳо ва ҷаҳонбиниҳои онҳоро дар бар мегирад. Вале чунин шароити муносибат хоси

тамоми системаҳои сиёсӣ нест. Аз ин рӯ, ҳолати муносибати байни ҳокимият ва оппозитсияро дар шароити ҳукуматҳои мамлакатҳои мухталиф, муносибати ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсии оппозитсионӣ дар системаҳои сиёсии мухталиф дида мебароем.

Нахуст қайд кардан мумкин аст, ки институти оппозитсияи сиёсӣ дар тамоми навъи системаҳои сиёсӣ вуҷуд дорад. Он аз мубориза барои ҳокимият истисно набуда, доимо дар ҳолати ғолиб ва ё мағлуб қарор мегирад. Дар ҳолате, ки ҳукумати мазкур манфиати аксарияти аҳолиро инъикос наменамояд ва агар ҳам манфиатҳои онҳоро таҷассум намояд, оппозитсияи сиёсӣ мавҷудият менамояд. Дар айни замон ҳукуматҳои ислоҳотӣ ва инқилобӣ шумораи муайяни рақибони (оппонентҳо) худро доранд. Бо дар назардошти матлаби мазкур гуфтан мумкин аст, ки агар ҳукумат хосияти либералӣ дошта бошад, он гоҳ оппонентҳои вай моҳияти консервативиро зоҳир менамоянд ва ё муқобилони онҳо шаклан либералианд, вале дар асл аз онҳо дар тафовут меистанд. Яъне ин тафовутҳои таълимотӣ ва ё идеологӣ мебошанд. Вобаста ба дидгоҳҳо ва манфиатҳо, ҷаҳонбиниҳои сиёсӣ байни ҳокимият ва оппозитсия мубориза ақидавӣ ба вуҷуд меояд. Ин муборизаҳо чуноне ки қаблан қайд карда шуд, метавонад дар дохили як ҷаҳонбинӣ ва ё идеология ба вуҷуд биояд. Идеологияи исломиро касб намудани давлатҳои ба ном исломӣ, тафриқа байни ҳукумат ва мухолифонро ба вуҷуд овардаанд, ки онҳо дар асл зери ҷаҳонбинии исломӣ ташаккул ёфтаанд.

Муаққиқи машуре, ки дар заминаи мавқеъи демократӣ ба падидаи оппозитсия муносибат намудааст, муҳаққиқи машҳур Р. Дал мебошад. Ба ақидаи Р. Дал ҳокимият ба таври иерархӣ ташкил шудааст. Ҳокимияти сиёсӣ на ба синфи ҳукмрон ва на ба элита, балки дар тақсими он байни табақаҳои мухталиф, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ бо манфиатҳои гуногун ҳамчунин ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои этникӣ ва касбӣ, ассотсиатсияҳо, иттифоқҳои касаба ва ғайра тақсим мешавад. Онҳо мумкин аст, дар ҳолати низоъ дар нисбати якдигар мавқеъ гирифта, муносибати шадидро ба амал биоранд. Р.Дал қайд мекунад: "... Баъзан давлатҳо ба ду лагер дар заминаи принсипе умуман тақсим мешаванд. Чун қойда, бархӯрди зиёда аз ду гурӯҳи манфиатҳо низоъ ба амал меояд." [4, - С.5]. Ҷомеа ба гурӯҳҳои калоне тақсим мешавад, ки баъзе аз гурӯҳҳо дар ҳукумат ва баъзе дигараш дар оппозитсия мавқеъ мегиранд. Маҳз барои ҳамин ҷонибдорони ин назария аз "оппозитсияҳо" мегуянд, на аз оппозитсия.

Пиромуни оппозитсия дар ду маънӣ: васеъ ва маҳдуд метавон сухан гуфт. Дар маънии маҳдуд – ин ҳизби сиёсӣ, коалитсия ё ҳаракат, ақкалияти парламентӣ маҳсуб мешавад, аммо ҳадафашон расидан ба ҳокимият дар интихоботҳои навбатӣ мебошад. Дар маънии васеъ – тамоми фаъолиятҳои барҷастаи неруҳои оппозитсионӣ дар назар дошта шудааст. Дар маънии маҳдуд тавсифи оппозитсия аз тарафи Р.Дал чунин баён шудааст. Дар соли 1966 Роберт Дал, параметрҳои асосии оппозитсияи сиёсиро дар демократияи ғарбӣ таҳлил намуда, чор тарзи асосии онро пешниҳод намудааст: "бритонӣ", "континенталӣ", "скандинавӣ" ва "америко – шветсарӣ" [4, - С.6].

Модели аввал, ки онро метавон тарҳи классикӣ, ё ин ки "вестминстерӣ" номид, ки он дар фаъолияти хуб ташкилёфтаи ҳизбҳои асосӣ инъикос меёбад ва яке аз он ду ҳизбҳо вазифаи оппозитсияро ба амал мебарорад. Ин ҳизбҳо дар парламент ва дар интихобот манзараеро ба вуҷуд меоранд, ки онро метавон мусобиқа номид. Муборизаи асосии байни оппозитсия ва ҳукумат дар интихоботҳои парламентӣ ва дар парламенти миллӣ ба вуқӯъ меояд, зеро ки парламент макони ҳаррӯзаи муборизаҳо мебошад. Парламентро метавон форуми барои ғалаба дар

интихоботҳои оянда унвон кард. Дебатҳои парламентӣ воситаи муайянкунандаи дараҷаи қобилияти депутатҳо дар парламент мебошад, ки он дар интихоботҳои оянда ҳатман даркор мешавад.

Доир ба тарҳи континенталӣ сухан ронда, қайд кардан даркор аст, ки дар як қатор давлатҳои континенталии Аврупои Ғарбӣ оппозитсияро якчанд ҳизбҳо ифода менамоянд ва аз ин рӯ мубориза байни онҳо хосияти мусобиқавӣ надошта, балки мақсади асосии онҳо ин таъсиси коалитсия баъди интихобот ба мақсади ташаккул додани ҳокимияти иҷроия мебошад. Стратегияи оппозитсия баҳри тасарруфи аксарияти парламентӣ набуда, ҳадафи он ин нишон додани худ дар парламент мебошад, ки ба ин васила имконияти иловагӣ баҳри ворид шудан ба коалитсия ба он медиҳад.

Тарҳи сеюм – скандинавиягӣ. Дар тарҳи мазкур низ ба мисли тарҳи қаблӣ ҳамгироии сиёсӣ нақши асосӣ мебозад. Вале бо баъзе хосиятҳояш аз он фарқ менамояд. Дар ин тарҳ фазои ҳамгироӣ хеле васеъ буда, дар қиёс аз тарҳи қаблӣ он ассосиатсияи бузургро ба мисли иттифоқи касаба ва ғайра дар бар мегирад. Аз ин хотир, тарҳи мазкури оппозитсия механизми ҳамкории иҷтимоиро дар худ фаро мегирад.

Тарҳи охирон – «америко-шведсарӣ» буда, дур аз тарҳи классикӣ мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ин ҷо, ваҳдати дохилии заиф ва номутамарказият доранд. Дар он мамлактҳое, ки чунин тарҳи оппозитсия мавҷудият менамояд, гуфтан зарур аст, ки умуман дар онҳо муборизаи байни оппозитсия ва ҳукумат дида мешавад. Масири ҷудокунандаи байни оппозитсия ва ҳукумат на дар байни ҳизбҳо, балки дар дохили худи онҳо мебошад.

Таҳқиқи оппозитсияи сиёсӣ дар демократияҳои ғайриғарбӣ ва махсусан дар давлатҳое, ки дар он системаи ҳизбӣ бо ҳизби ҳукмрон (Конгресси миллии Ҳиндустон, Ҳизби либералӣ-демократии Ҷопон) амал менамоянд, шаҳодат медиҳанд, ки миёни шакл ва навъҳои зоҳиршавии оппозитсия накши муҳимро фраксияҳои дохилии ҳизби ҳукмрон иҷро менамоянд. Ҳизбҳои мазкур бори масъулиятро бар дӯш гирифта, масъалаҳои дар ҷомеа баамаломадаро ҳал намуда, манфиатҳоро мувофиқа намуда, моҷароҳоро идора менамоянд.

Дар маънии васеъ бошад, оппозитсия аз ҷониби Р.Дал чунин баррасӣ шудааст. Дар шароити муайян ва мусоид оппозитсия бояд аз рӯи ягон стратегия амал намояд ва дорои мақсади муайян бошад. Чӣ хеле, ки Р. Дал қайд мекунад, оппозитсияро тасдиқ намудан мумкин, ба шарте ки дар чунин шароит оппозитсия дорои чунин моҳият бошад. Шартан оппозитсияро бо ҳарфи В ва ҳукуматро бо ҳарфи А ишора намуда, муносибатҳои мутақобилаи онҳоро дида мебароем. Фарз мекунем, ки гурӯҳи А дар муддати муайяни вақт дар системаи сиёсӣ курси ҳукуматро муайян менамояд ва дар зарфи вақти мазкур гурӯҳи В рафтори ҳукуматро ташхис мекунад. Дар чунин ҳолат гурӯҳи В он чизе номида мешавад, ки мо онро «оппозитсия» меномем. Гурӯҳи В - ро дар он ҳолате метавон оппозитсия номид, ки агар стратегияи он ба муқобили стратегияи гурӯҳи А равона шуда бошад. Агар оппозитсияи ақидаҳо ва стратегияҳо вуҷуд надошта бошад, пас оппозитсия низ вуҷуд надорад. Зиддиятро метавонем дар ҳолати муқобилгузори нисбати ҳокимият оппозитсия номем. Дар ҳолати аз тарафи гурӯҳи В, яъне оппозитсия ишғол шудани ҳукумат, гурӯҳи А мавқеъи оппозитсиониро касб мекунад. Ба ҳамин тариқ, зимни ивазшавии мавқеъҳо дар байни гурӯҳи А ва гурӯҳи В раванди сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Вале ин раванди сиёсӣ ин қадар сода, ки арз карда шуд ба амал наомада, он аз муборизаҳои байни оппозитсия ва ҳокимият, зиддиятҳо, мухолифатҳо ва муқовиматҳои миёни неруҳои сиёсии ҷомеа, ки дар байни

онҳо нақши оппозитсияи сиёсӣ барҷаста аст, иборат мебошад.

Ҳокимият ва оппозитсия ҳамеша дар назорати ҳамдигарӣ қарор мегиранд. Ҳокимият оппозитсияро барои он назорат менамояд, ки мабодо он ҳолати реаксиониро касб карда, сохтори сиёсии феълиро барҳам диҳад. Оппозитсия бошад, барои он ҳокимиятро назорат ва мушоҳида менамояд, ки ногоҳ ҳокимият аз масири муайяншуда мунҳариф шаваду манфиатҳои миллӣ осеб бинанд. Барои интиқоди ҳокимият дар баъзе давлатҳо оппозитсияи маснӯъ ташкил карда мешавад. Дар натиҷаи чунин назоратнамоиҳои мутақобилаи ҳокимият ва оппозитсия инкишофи воқеии ҷомеа таъмин карда мешавад. Ҳамаи оппозитсияҳое, ки дар давлатҳои мухталиф фаъолият менамоянд, ба он нигоҳ накарда, ки онҳо зимни қонун амал менамоянд, зери мушоҳида ва назорати доимии ҳукумат қарор мегиранд. Ин ҳолатро бештар он оппозитсияҳое ба худ касб менамоянд, ки интиқоди ҳокимиятро ба амал меоранд ва дар ҷомеа мақоми муайянеро соҳиб шудаанд. Муқобил будан бо мавқеи ишғолкардаи ҳокимиятӣ ва интиқод намудани он маънии осоишта дошта, ба мақсади аз байн бурдани ҳокимяти мазкур ба амал бароварда намешавад. Дар баробари ин ҳадафи назорати ҳокимият аз болои оппозитсияи сиёсӣ баҳри ҳифзи сотори сиёсию ҳуқуқии ҷорӣ мебошад.

Ҳокимият ва оппозитсия дар маҷмӯъ манбаашонро аз халқ мегиранд ва такягоҳи ҳар дуи он маҳз халқ ба шумор меравад. Ҳокимият иродаи аксарияти мардум маҳсуб шуда, оппозитсия ниҳоди аққалияти мардум ба шумор меравад. Демократия ҳамеша ҷонибдори сотори сиёсиест, ки ба райъи аксарият асос ёфтааст ва иддаокунандаи тобеи аксарият будани аққалият мебошад. Назари аққалият дар он ҷое, ки мавқеъгирии аксарият аст, аҳамият надорад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки институти оппозитсия ҳамчун мавқеъгирии аққалияти мардум дар нисбати назари аксарият - ҳокимияти мазкур ночиз мебошад. Воқеан, қудрати сиёсии ҳокимият дар қиёс бо қудрати сиёсии оппозитсия бештар мебошад. Аввалан, ҳокимият худро тавассути назари аксари мардум қонунӣ намудааст ва баъдан он соҳиби захираи сиёсӣ ва имкониятҳои бештари таъсиррасонӣ мебошад. Ба ин ҳам нигоҳ накарда, оппозитсияи сиёсӣ фаъолияти оппозитсиониашро дар нисбати ҳокимият ба амал мебарорад. Дар бисёр мавридҳо оппозитсияи сиёсӣ барои мубориза бо ҳокимият талаби кумаки беруниро мекунад ва принсипҳои дохилиро вайрон карда, ҳолати ғайриқонунии фаъолиятро ба вуҷуд меоварад. Ҳолати мазкур, аз дарк накардани ҳадафи ташкили оппозитсия ва моҳияти муборизаи сиёсӣ мебошад. Муборизаи сиёсии байни ҳокимият ва оппозитсия бояд дар пояи консенсуси ҷамъиятӣ ва компромисс сурат гирад. Зеро ҳадаф аз ташкили оппозитсия дар нисбати ҳокимият, ин халалдор кардани фазои осоиштаи ҷамъиятӣ набуда, нигоҳ доштани тавозуни сиёсӣ дар ҷомеаи сиёсӣ мебошад. Дар ҳоли ташкили мутамаддини фаъолияти давлат ухдадории давлат аст, ки ба оппозитсияи сиёсӣ ба эҳтиром муносибат намояд. Ҳам ҳукумату мақомоти дигари давлатӣ ва ҳам оппозитсияи сиёсӣ дар нисбати якдигар муносибати самаранокро пеша намоянд [2, - С.183] .

Муносибати мутақобилаи ҳокимият ва оппозитсияи сиёсӣ мумкин аст дар шаклҳои мухталиф зоҳир шаванд. Таҷрибаи сиёсӣ имкон медиҳад, ки дискурси ҳокимият ва оппозитсияи сиёсро дар симои сенарияҳои мухталиф шаклбандӣ намоем.

Сенарияи аввал дар шакли формулаи A > B зоҳир шуда, ифодагари он аст, ки ҳокимият дар қиёс бо оппозитсияи сиёсӣ пурзур мебошад. Сенарияи мазкур густаришёфта маҳсуб мешавад, чаро ки ҳокимият дар муқоиса бо оппозитсия фарогиранадаи захираҳои бузург мебошад. Формулаи мазкур

инъикоскунандаи афзалияти А буда, намоишдиҳандаи имконоти ками оппозитсия (В) мебошад. Дар ин ҳолат оппозитсия дар муколама бо ҳокимият фаъол набуда, элитаи ҳукмрон ба таври пурра дар дискурси сиёсӣ ҳукмрон мебошад [3].

Сенарияи дуюм чунин пешниҳод менамояд, ки ҳокимият ва оппозитсия фарогири имконоти баробар буда, имкони соҳиб шудан ба пуштибонии ҷамъиятиро доранд. Сенарияи мазкур мумкин аст дар шакли формулаи баҳамалоқамандии миёни А ва В, ки дар ин ҷо А= В аст, зоҳир шавад.

Сенарияе, ки зимни он оппозитсияи сиёсӣ имконоти баробарро дар қиёс бо ҳокимият дар дискурси сиёсӣ дорад, шаҳодат аз демократӣ будани раванди сиёсӣ медиҳад. Агар ҳокимият хоҳад ба оппозитсия фишор оварад ва мавқеи худро мустаҳкам намояд, ин амалро бо иллати маҳдудияяти воситаҳои фишор ба оппозитсия карда наметавонад. Ҳокимият зери прессинги ҷиддӣ ва фишор қарор дошта, онро водор ва маҷбур менамоянд, то аз ҳадди муқарраршуда берун амал нанамояд. Ҳамин тариқ, оппозитсия ба сари ҳокимият омада, масири элитаи собиқро такрор менамояд.

Сенарияи сеюм дар назар дорад, ки ҳокимият дар қиёс бо оппозитсия заиф буда, мумкин аст дар шакли формулаи А < В ифода шавад. Сенарияи мазкур заифии нисбии худи мавқеи ҳокимиятро намоиш медиҳад. Эҳтимолияти ивазшавии ҳокимият дар шароити бӯҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ авҷ мегирад. Оппозитсия сиёсати ғайрисамараноки элитаи ҳукмронро ба инобат гирифта, дар дигарнамоии вазъият иқдом изҳор наменамояд. Ҳангоме ки ҳокимият мутеи оппозитсияи қавӣ мешавад, ин як ангеза барои ҳокимият мебошад. Элитаи ҳукмронро зарур меояд, то бисёр амал намояд, то чашмдошти ҷамъиятӣ ва ҳадафҳои гузошташударо ҷомаи амал пӯшонад.

Дар чорчубаи сенарияҳои мазкур, мумкин аст якчанд тарҳҳои баҳамалоқаманди ҳокимият ва оппозитсияи сиёсии конструктивиро дида баромад: ҳамкорӣ, адами ҳамкорӣ ва конфронтатсия.

Тарҳи аввал – ҳамкории шарикӣ. Зимни татбиқнамоии тарҳи шарикӣ, мақомоти давлатӣ дар шаклҳои мухталиф дар муколама бо оппозитсия ширкат меварзанд. Меъёри муҳим барои амалишавии тарҳи мазкур фаҳми муҳимияти мавҷудияти падидаи оппозитсия ҳамчун мавқеи алтернативӣ дар ҷомеа аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимият мебошад.

Дар чорчубаи тарҳи мазкур неруҳои оппозитсионӣ дар ташаккули сиёсати расмӣ, ҳамчунин дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ-сиёсӣ ширкат меварзанд. Тарҳи мазкур мумкин аст дар ҳоли мавҷудияти сенарияи А=В, ки зимни он ҳокимият ва оппозитсия қариб захираҳои баробарро фаро гирифтаанд, амалӣ шавад.

Тарҳи дуввум – баҳамалоқамандии патерналистӣ. Дар чорчубаи тарҳи мазкур, баҳамалоқамандӣ дар зимни формулаи А > В сурат мегирад. Дар ҳолати мазкур, ниҳоди оппозитсия бо имконоти камтарин амал намуда, зери назорати ҳокимият қарор мегирад.

Тарҳи сеюм – адами ҳамкорӣ. Тарҳи баэътиборнагирӣ, замоне ки ҳокимият неруҳои оппозитсиониро ба назар намегирад, халал намерасонад, аммо имконияти баҳамалоқамандӣ дар чорчубаи ҳали вазифаҳои муҳими ҷамъиятӣ фароҳам намеоварад. Тарҳи мазкур мумкин аст, дар шароити мухталифи дастгирии ғайридавлатии фаъолияти оппозитсия аз як ҷониб ва консентратсияи ҳокимият дар масъалаҳои гуногуни сиёсӣ ва иқтисодӣ амалӣ шавад. Тарҳи мазкур дар он навъ режимҳои сиёсие мавҷудият дорад, ки дар он ҳокимият захираҳои бисёреро дар қиёс бо оппозитсия сиёсӣ (А > В) фаро гирифтааст.

Тарҳи чаҳорум – баэътиборнагирӣ. Дар чорчубаи тарҳи

мазкур намояндагони аксарияи сиёсӣ дар симои оппозитсия хавфро эҳсос карда ва талош менамоянд фаъолияти онро мушкил намоянд ё онро ба пуррагӣ барҳам диҳанд. Бисёр вақт дар чорчубаи тарҳи мазкур маблағгузории оппозитсия аз ҷониби фондҳои байналхалқӣ ҳамчун мубаддал кардани созмони мазкур ба «агенти таъсири берунӣ» буда, ба қатъ шудани фаъолияти чунин созмон оварда мерасонад. Дар тарҳи мазкур ҷиҳати баръакс низ вуҷуд дорад. Ҳангоме ки оппозитсия захираҳои кофиро фаро мегирад, ба конфронтатсияи кушода бо ҳокимият баромада, дар аксар маврид ба ивази режими сиёсӣ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, тарҳи мазкур мумкин аст дар ду сенария амалӣ шавад. Аввалан, ҳангоме ки ҳокимият ва оппозитсия қариб фарогири захираҳои баробар мебошанд ва замоне ки афзалият ба ҷониби оппозитсия мегузарад.

Оппозитсияи сиёсӣ унсури муҳими системаи сиёсии ҷомеа маҳсуб шуда, он воситаи ивазшавии элита, далели плюрализми сиёсӣ ва демокаратӣ будани ҷомеа мебошад. Дар чунин ҳолат бархурди он бо ҳокимият падидаи табиист. Давлатҳои пешрафта шаклҳои мутамаддини баҳамалаоқамандии ҳокимият ва оппозитсияи сиёсро дар амалияи сиёсӣ санҷидаанд, ки зимни он муносибати мутамаддини ҳокимият ва оппозитсия боиси суботи сиёсӣ дар кишвар мегардад. Оппозитсияи сиёсӣ ҷузъи зарурии системаи сиёсии кишварҳои мутамаддин эътироф гардидааст ва ба ин хотир муносибати ҳокимият бо оппозитсияи сиёсӣ бояд дар пояи консенсус, муколамаи сиёсӣ шакл бигирад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Борьба власти и оппозиции: миф или реальность?: [Электронный ресурс] / режим доступа: http://www.iarex.ru

2. Зокиров Г.Н. Давлат: Монография. Қисми I. / Г.Н. Зокиров. - Душанбе, 2012. - С. 183.

3. Скиперских А. В. Диспозиция «власть-сопротивление» в политическом процессе: теоретическое осмысление / А. В. Скиперских // Материалы XVIII Международной конференции памяти профессора Л. Н. Когана «Культура, личность, общество в современном мире: методология, опыт эмпирического исследования». - Екатеринбург: УрФУ, 2015. - С. 1698-1706.

4. Dal. R. Regims and opposition // Introdiction. - L. and New haven., 1973. - P.5.

# ТАВСИФИ АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТИ САВДОИ ОДАМОН

# ХАРАКТЕРИСТИКА ПРИЗНАКОВ СУБЪЕКТА ПРЕСТУПЛЕНИЯ ТОРГОВЛИ ЛЮДЬМИ

# CHARACTERISTIC FEATURES OF THE CRIME OF TRAFFICKING IN PERSONS SUBJECT

**ҲАЙДАРЗОДА М.П.**
*Адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*



**ҲАЙДАРЗОДА З.П.**
*Адъюнкти Академияи идоракунии ВКД Федератсияи Россия, майори милитсия*



***Аннотатсия:*** Дар мақола мафҳуми субъекти ҷинояти савдои одамон, аломатҳои умумӣ ва махсуси он бо пайдарҳамии хоса мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар баробари ин муаллифон оид ба субъекти махсус табодули афкор намуда, онро ба категорияҳои муайян тақсим намудаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** савдои одамон, субъекти ҷиноят, субъекти махсус, аломатҳои умумӣ, аломаиҳои махсус.

***Аннотация***: В статье рассматриваются вопросы понятия субъекта торговли людьми, общие и специальные признаки этого преступления. Авторами представлено свое видение относительно специального субъекта данного вида преступления, которое они разделили на конкретные категории.

***Ключевые слова:*** торговля людьми, субъект преступления, специальный субъект, общие признаки, специальные признаки

***Abstract***: The article deals with the concept of the subject of trafficking in persons, the general and special features of this crime. The authors presented their vision regarding the special subject of this type of crime, which are divided into specific categories.

***Keywords***: human trafficking, a crime subject, special subject, common signs, special signs

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мафҳуми субъекти ҷиноят ақидаи ягона мавҷуд нест. Як гурӯҳи муҳаққиқон қайд менамоянд, ки

субъекти ҷиноят ин шахсест, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир намудааст. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон бошанд, ба он андешаанд, ки субъекти ҷиноят ин шахси мукаллафи ба синну соли муқаррар кардаи Қонуни ҷиноятӣ расидае мебошад, ки бевосита ҷинояти мушаххасро содир кардааст ё барои содир кардани ҷинояти мушаххас шахси дигарро истифода намудааст. Муҳаққиқони алоҳида дар он назаранд, ки субъекти ҷиноят ин гунаҳгор будан барои содир кардани ҷинояти қасдона ё аз беэҳтиётие мебошад, ки дар Қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ субъекти ҷиноятро аз рӯйи қоидаҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ намуда, шахси барои содир кардани ҷиноят ҷавобгарро медонанд [2, - С. 112-113]. Баъзе аз муҳаққиқон субъекти ҷинояти савдои одамон гуфта, шахси одамҷаллобро дар назар доранд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон" субъекти ҷинояти савдои одамон гуфта шахсеро дар назар дорад, ки ба савдогарии одамон машғул аст.

Савдогари одамон ин шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки мустақилона ё бо гурӯҳи шахсон савдои одамонро амалӣ менамояд, инчунин фаъолияти мазкурро маблағгузорӣ менамояд ва ё аз ҳисоби он фоидаи моддӣ ё дигар фоида ба даст меорад, ҳамчунин шахси мансабдоре, ки бо амалҳои худ ба савдои одамон мусоидат менамояд ё ба он монеъ намешавад ё муқовимат намекунад, гарчанде вазифадор аст, ин корро мувофиқи ваколатҳои хизматии худ иҷро намояд [3], фаҳмида мешавад.

Ҳангоми кушода додани мазмуни мафҳуми савдогари одамон (одамҷаллоб) қонун муайян намудааст, ки ба ҳайси он чи шахси воқеӣ (шаҳрвандон) ва чи шахси ҳуқуқӣ (муассисаҳо, ташкилотҳо, ширкатҳои сайёҳӣ) баромад мекунанд. Ҳангоми аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ содир гардидани савдои одамон намояндаи шахси ҳуқуқӣ аниқтараш шахсе, ки дар ташкилот ва муассисаҳо кор ва фаъолият мекунад ва ӯ ин ҷиноятро содир намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Аз мазмуни мафҳуми дар боло овардашуда бармеояд, ки шахсони зерин ба ҳайси савдогари одамон эътироф мегарданд:

1. Шахсоне, ки мустақилона ё бо гурӯҳи шахсон савдои одамонро амалӣ менамоянд;

2. Шахсоне, ки фаъолияти мазкурро маблағгузорӣ менамоянд;

3. Шахсоне, ки аз ҳисоби савдои одамон фоидаи моддӣ ё дигар фоида ба даст меоранд [4, - С. 55].

Дар м. 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) бошад қайд карда шудааст, ки «танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст» [1].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки субъекти ҷинояти савдои одамон шахси мукаллафи ба синну соли муайянкардаи қонуни ҷиноятӣ расидае мебошад, ки кирдори ба ҷамъият хавфноки дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинишударо содир намудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ аз бисёр хусусиятҳои хоси шахсияти ҷиноятгкор, хусусиятҳоеро ҷудо карда аст, ки барои ҳал кардани масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бештар аҳамиятнок мебошанд. Ба ин хусусиятҳо синну сол ва мукаллафӣ дохил мешаванд. Синну сол ва мукаллафӣ ба ҳайси аломатҳои асосии субъекти ҷинояти савдои одамон баромад мекунанд.

Мувофиқи м. 23 КҶ ҶТ субъекти ҷинояти савдои одамон шахси воқеии мукаллафӣ ба синну соли 16 расида шуда метавонад. Онҳо метавонанд ҳам шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳам шахсони бешаҳрвандӣ бошанд. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам фурӯшандаи одам ва ҳам харидори он кашида мешаванд.

Ҳайвонот, предметҳои беҷон, номукаллафон ва кӯдакон дар вакти содир намудани ин ҷиноят ҳамчун субъекти ҷиноят ҳисоб намеёбанд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Инчунин субъекти ҷинояти мазкур шахсони ҳуқуқӣ, яъне корхонаҳо, ташкилотҳо, идораҳо агентиҳо оид ба фарзандхонӣ, оид ба расмикунонии ҳуҷҷатҳо, марбут ба муҳоҷират ва ғайра шуда наметавонанд.

Дар ҳолатҳое, ки намояндагони шахсони ҳуқуқӣ ҷинояти савдои одамонро содир кунанд, он гоҳ на шахсони ҳуқуқӣ, балки худи намояндагони онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо аломатҳои умумӣ (синну сол ва мукаллафӣ) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани субъекти ҷинояти савдои одамон кифоя намебошанд. Бинобар ин қонунгузории ҷиноятӣ дар ин ҳолатҳо аломатҳои иловагиеро муқаррар намудааст, ки он дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо номи субъекти махсус маълум аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дар диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ номбар карда нашудаанд, онҳо аломатҳои хоси ҳамаи таркиби ҷиноятҳо мебошанд, ки дар боби 4 (Шахсоне, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд) моддаҳои 22 ва 23 КҶ ҶТ дарҷ гардидаанд.

Аломатҳои иловагии субъекти махсус бошад дар худи диспозитсияҳои меъёрҳои дахлдори ҷиноятҳои алоҳида тасвир карда шудааст ё ин ки ба тариқи шарҳ додан муқаррар карда шудаанд.

Масалан, қ. 2 банди «е» м. 130[1] КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои шахсони мансабдор ё намояндагони ҳокимият бо истифода аз вазифаҳои хизматӣ ва ё аз ҷониби шахсоне, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ вазифаи идоракуниро иҷро мекунанд, пешбинӣ кардааст. Аз ин ҷо бар меояд, ки субъекти банди «е» қ. 2 моддаи 130[1] КҶ ҶТ махсус мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» масъалаи субъекти махсусро муҳим арзёбӣ намуда, банди 24 м. 1-уми худро оид ба ин масъала бахшидааст. Дар ин банд омадааст: “Содир намудани ҷиноят бо истифода аз вазъи хизматии худ ин содир кардани ҷиноятҳо дар самти савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд аз ҷониби шахси мансабдор ё шахсе, ки ба зиммаи ӯ функсияҳои идоракунӣ, ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидорӣ дар ташкилотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо вогузошта шудаанд, инчунин дигар корманди мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, ки бо мақсадҳои зикргардида вазъи хизматии худ ва ё ваколатҳои хизматии ба онҳо додашударо истифода мебаранд” [2].

Аз мазмуни ин банд бармеояд, ки дар он тавсифи субъекти махсус, ки дар содир намудани савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд вазъи хизматии худро ва ё ваколатҳои хизматии ба онҳо додашударо истифода мебаранд, дода шудааст.

Қонунгузор шахсони зеринро ба категорияи субъекти махсус дохил намудааст:

1. Шахсони мансабдор;
2. Шахсе, ки ба зиммаи ӯ функсияҳои идоракунӣ вогузошта шудааст;
3. Шахсе, ки ба зиммаи ӯ ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ вогузошта шудааст;
4. Шахсе, ки ба зиммаи ӯ ваколатҳои маъмурию хоҷагидорӣ вогузошта шудааст;
5. Шахсоне, ка дар ташкилотҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо вогузошта шудаанд;
6. Корманди ҳокимияти давлатӣ;
7. Корманди мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

8. Корманди ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, ки вазъи хизматии худ ва ё ваколатҳои хизматии ба ӯ додашударо истифода мебарад.

Ҷолиби диққат аст, ки қонунгузор шахсони мансабдорро, ки кирдорҳои ғайриқонуниашон бо савдои одамон алоқаманд аст, ба се навъ ҷудо намудааст:

1. Шахси мансабдоре, ки бо амалҳои худ ба савдои одамон мусоидат мекунад (кирдори фаъолона, яъне, ҳаракат);

2. Шахси мансабдоре, ки бо амалҳои худ ба савдои одамон монеъ намешавад (кирдори ғайрифаъолона, яъне беҳаракатӣ);

3. Шахси мансабдоре, ки бо амалҳои худ ба савдои одамон муқовимат намекунад (кирдори ғайрифаъолона, яъне беҳаракатӣ).

Дар ду ҳолати охир шахси мансабдор чун одамҷаллоб эътироф карда мешавад, чунки вобаста ба ваколатҳои хизматии худ ӯ вазифадор аст чорабиниҳои заруриро оид ба монеъ шудан ва муқовимат намудан ба амали савдои одамон иҷро намояд. Бинобар ин, аз сабаби иҷро накардани ваколатҳои хизматии худ, ки дар беҳаракатӣ зоҳир мегардад, шахси мансабдор чун одамҷаллоб, яъне шахсе, ки харидор ва (ё) фурӯшандаи одам мебошад, эътироф мегардад [4, - С. 56-57].

Ҳамин тавр, субъекти махсус ин шахсест, ки ба ғайр аз аломатҳои умумӣ (синну сол ва мукаллафӣ) боз дорои аломатҳои махсуси иловагӣ (мансаб, шаҳрвандӣ, ҷинс ва ғ.) мебошад [3, - С. 119-120].

Мутобиқи м. 37 КҶ ҶТ ғайр аз иҷрочиён шарикони дигари ҷинояти савдои одамон танҳо дар он маврид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки агар хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиркардаашонро дарк намуда бошанд. Масалан, кормандони техникии муассисаҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаҳо, меҳмонсароҳо, ки интиқоли одамонро ба амал мебароранд, ё иқомати онҳоро таъмин мекунанд, агар онҳо қасди савдои одамонро надошта бошанд, барои шарикӣ дар ин ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд [5, - С. 119-120].

Ҳамин тавр, субъекти ҷинояти савдои одамон ин шахси воқеъии мукаллафи ба синну соли муқарраркардаи қонуни ҷиноятӣ расидааст, ки қасдан ҷинояти савдои одамонро содир намудааст ва он дар баъзе мавридҳо дорои аломатҳои махсуси иловагӣ мебошад.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 май соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ., с. 1998, № 9 мод. 68 мод. 69 (Қонунҳои ҶТ аз 26.07.2014 с., №1088; № 1089). Қонунҳои ҶТ аз 14.05.2016 с., №1304; аз 14.05.2016 с., №1305; аз 23.07.2016 с., №1330; аз 23.07.2016 с., №1331;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26 июли соли 2014, таҳти №1096. // Ахбори маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон аз соли 2014 таҳти № 7. қ. 1 мод. 393;
3. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): Китоби дарсӣ. / Дар зери таҳрири Ғаффорова Н.А., Салимов Ҳ.С. - Душанбе, 2011. - 344 с.;
4. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26 июли соли 2014 таҳти № 1095. - Душанбе, 2015. - 506 с.;
5. Муқовимат ба савдои одамон: Воситаи илмӣ-амалӣ. / Гурӯҳи муаллифон. – Душанбе, 2015. - 256 с.

**БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАФҲУМИ «ЭКСТРЕМИЗМ»**

**НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ПОНЯТИЯ «ЭКСТРЕМИЗМ»**

**SOME FEATURES OF FORMATION OF THE CONCEPT OF "EXTREMISM"**



**ҲАЙДАРЗОДА М.П.**
*Адъюнкти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*

***Аннотатсия:*** Дар мақола баъзе хусусиятҳои ташаккулёобии мафҳуми «экстремизм» мавриди омӯзиш қарор дода шуда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳуми комплексии экстремизмро пешниҳод намояд.
***Вожаҳои калидӣ:*** экстремизм, радикализм, миллатгароӣ, сиёсат, ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта.

***Аннотация:*** В статье проанализированы некоторые характерные черты формирования понятия «экстремизм», на основании которых автор попытался представить комплексное понятие экстремизма.
***Ключевые слова:*** экстремизм, радикализм, национализм, политика, преступления экстремистской направленности.

***Abstract***: The article analyzes some of the characteristics of the formation of the concept of "extremism", on the basis of which the author tried to present a comprehensive definition of extremism.
***Keywords***: extremism, radicalism, nationalism, politics, extremist crimes.

**О**мӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки экстремизм таърихи кӯҳан дошта, то ҳол намудҳои гуногуни он (динӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ, ҷудоихоҳӣ ва ғ.) инсониятро таъқиб менамоянд.

Мутаассифона, дар аксарияти луғатҳо ва адабиёте, ки то охирҳои солҳои 90 асри XX нашр гардидаанд, мафҳуми «экстремизм» маълум набуда, балки ҳамчун қисми таркибии калимаи «радикализм» баҳо дода мешуд [11, - С. 500]. Аз ин лиҳоз, бештари муаллифони ватанию хориҷӣ «экстремизм»-ро ҳамчун муродифи «радикализм» ё шакли ифротии он медонанд.

Ба андешаи мо, экстремизмро ҳамчун шакли ифротии радикализм донистан маънои назари яктарафа кардан ба масъала дошта. Зиёда аз ин чунин қарор шубҳанок аст ва он метавонад ба нофаҳмиҳои зиёд оварда расонад. Аз ин лиҳоз, бояд ин ду мафҳум аз ҳамдигар ҷудо карда шуда, меъёри аниқи фарққунандаи онҳо муайян карда шавад, вале то кунун меъёри аникe, ки ин ду мафҳумро аз як дигар ҷудо карда тавонад, мавҷуд нест. Ҳамзамон, новобаста аз шумораи зиёди корҳои илмӣ дар ҷодаи дарёфти мафҳуми радикализм [2], то кунун дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ таърифи умумиэътирофшудаи он низ мавҷуд нест [12, - С. 39].

Радикализм (аз калимаи лотинии radix - решагӣ) манша гирифта, маънои

чараёни амалисозандаи ислоҳоти қатъиро дорад. Минбаъд фаҳмиши “радикализм” ғоявӣ кунонидашуда ба қувваҳои сиёсии чап мансуб диниста мешуд, ки аз ҳаракатҳои тарафдорони дигаргуниҳои буржуазӣ-демократӣ (либерализатсияи парлумони Англия дар асри XVIII, ворид намудани ҳуқуқи сартосари интихоботӣ дар Фаронса соли 1948) нисбат ба марксистон ва дигар ташкилотҳои чап (асри XIX - XX) шаҳодат медод [1, - С. 493].

Баъдан дар баробари мустаҳкам шудани низомҳои либериалӣ дар Ғарби муосир, ибораи «радикализм» ба маънои манфӣ истифода шуда, ҳамчун муродифи «экстремизм» фаҳмида мешавад [12, - С. 39]. Бо вуҷуди ин, то ҳол оид ба пайдоиши истилоҳи экстремизм ақидаи ягона мавҷуд намебошад.

Масалан, дар бархе аз сарчашмаҳои илмӣ қайд карда шудааст, ки аввалин маротиба истилоҳи радикализм дар асри XVIII дар Англия ва истилоҳи экстремизм дар асри XX дар Ҳиндустон пайдо шудааст [13, - С. 19]. Бархе аз муҳаққиқон қайд менамоянд, ки истилоҳи экстремизм дар миёнаҳои асри XIX аввалан дар Англия, ки он дар матбуоти сиёсӣ васеъ паҳн мешавад, сонияи дар ИМА, вақте ки намояндагони тарафҳои адоватхоҳи Ҷанубу Шимол, ки ҳангоми Ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1861 - 1865) бо ҳам зиддият доштанд, истифода мешавад [7, - С. 1-2].

Экстремизм аз калимаи лотинии «*extremus*» манша гирифта, мазмуни қатъан ҳадди охирин, зиёдаравӣ, ноороmсозӣ ва беитоатии шаҳрвандон нисбат ба меъёрҳои қонун, инчунин тарафдори тадбиру чораҳо ва ақидаҳои қатъӣ буданро (бештар дар сиёсат) дорад [9, - С. 360].

Муҳаққиқ Э.Г.Филимонов бошад экстремизмро ҳамчун «пайравӣ ба ақидаҳо ва чораҳои оштинопазир» шарҳ дода, қайд менамояд, ки экстремизм «метавонад дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ҷой дошта бошад ва дар он ақидаҳо ва нуқтаи назарҳои гуногун барои ҳалли ин ё он масъала бо ҳамдигар бармехуранд» [10, - С. 90]. Ин ақидаҳо ё амалҳо аз рӯйи хусусияти худ метавонанд сиёсӣ, нажодпарастӣ, миллатгароӣ, динӣ, ҷудоихоҳӣ ва ғайра бошанд.

Мутафаккири барҷаста Н.Н. Афанасев низ мафҳуми экстремизмро ҳамчун пайравӣ «ба тафсири оштинопазир» ва «усулҳои амал», ки дар тоқатнопазирӣ ва мубориза қатъӣ ба нуқтаи назари дигар асоснок шудааст, маънидод мекунад. Ӯ афкори хешро тақвият дода қайд менамояд, ки «Экстремизм ин инкор кардани ҳамагуна меъёрҳои умумиэътирофшуда буда, воқеиятро бо тасаввуроти нодуруст маънидод мекунад, ки ин дар фаъолияти амалӣ ба зӯроварӣ оварда мерасонад» [3, - С. 230-234].

Муҳаққиқони замони шӯравӣ И.И. Брагинский ва Э.Г. Филимонов бошад, қайд намуданд, ки «пайравӣ ба ин ё он ақоид ва амалҳои зиёдаравӣ дар ҳама гуна соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҷой доранд ва дар асоси назарҳои гуногуни тундгароӣ метавонанд ин ё он проблемаро ҳал намоянд» [8, - С. 17, 90]. Вале на ҳамеша ақидаи «зиёдаравӣ, тундравӣ»-ро ба ҳайси экстремизм мансуб донистан равост [14, - С. 47]. Онҳо мумкин боиси содиршавии ҳаракати мушаххаси зӯроварӣ ва дигар ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ нагарданд, инчунин дидаю дониста қувваи маҷбуркуниро нисбати шахсони ба андешаи онҳо норозӣ раво набинанд [3, - С. 234].

Андешаҳои дар боло матраҳгардида, баъзеи олимонро водор месозад, ки экстремизмро шартан ба ду шакл (бо истифодаи зӯроварӣ ва бе истифодаи зӯроварӣ) ҷудо намоянд.

Ба андешаи муҳаққиқони тоҷик Т.Ш. Шарипов ва Ҳ.С. Сафаров, агар муҳтавои «андешаҳои ниҳоӣ» асоси ғоявии истифодаи зӯровариро нисбати мухолифин ва дигар шахсони норозӣ ташкил надиҳад, пас дар гумон аст, ки сухан оид ба экстремизм ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ равад [14, - С. 47].

Ҳамзамон Н.Н. Афанасев дар афкори хеш қайд менамояд, ки дар бораи экстремизм ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ вакте сухан рондан мумкин аст, ки ғояи экстремизм дар заминаи тоқатнопазирӣ, душманӣ ва бадбинӣ бо мақсади истифодаи зӯроварӣ ба миён оянд [3, - С. 234].

Муҳаққиқони алоҳида ишора менамоянд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ истифодаи зӯроварии, чи ҷисмонӣ, ва чи рӯҳӣ (таҳдиди истифодаи зӯрӣ) яке аз нишонаҳои экстремизм маҳсуб меёбанд [4, - С. 24; 5, - С. 16]. Чи хеле ки мушоҳида намудем, аксарияти олимон дар андешаи онанд, ки бе истифодаи зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ экстремизм содир карда намешавад. Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқ Ҳ.С Сафаров аст, ки ӯ дар баробари истифодаи зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ боз паҳн намудани идеологияеро, ки хусусияти зӯроварӣ дорад, ҳамчун кирдори экстремистӣ эътироф менамояд [14, - С. 51-52].

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» аз 8 декабри соли 2003 таҳти №69, қайд карда шудааст, ки «экстремизм - ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноороми, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад» [6].

Агар ба мухтавои ин мафҳум назар афканем, мушоҳида мекунем, ки дар он на танҳо экстремизми сиёсӣ, балки дигар намудҳои он, аз қабили нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ ба назар мерасанд ва онҳо дар бештари мавридҳо бо ҳам омехта шуда, дар амал татбиқ карда мешаванд.

Ҳамингуна андешарониро олимони тоҷик Т.Ш. Шарипов ва Ҳ.С. Сафаров ишора намуда, қайд менамоянд, ки экстремизми миллатгароӣ ҳамеша бо худ унсурҳои экстремизми сиёсӣ ва дар бештар мавридҳо диниро доро мебошад. Дар навбати худ экстремизми сиёсӣ бошад, новобаста ба он ки ғояи тозаи диниро надорад, метавонад асосҳои бардурӯғи диниро касб намояд. Чунин ғоя дар бештари мавридҳо аз эътиқоди эҳсоси куркурона манша гирифта, аз принсипҳои мантиқии оқилона асос намегирад [14, - С. 50].

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. *Абаренков В.П., Аверкин А.Г., Агешин Ю.А.* и др. Краткий политический словарь М. Политиздат 983г. 367с твердый переплет, обычный формат. [Электронный ресурс]: URL: http://bestintw.narod.ru /knigi/794.html (Дата обращения: 8.02.2016 г.);

2. *Авцинова Г.И.* Политический радикализм в России: концептуальные подходы к понятию и пути нейтрализации // Вестник МГУ. – Серия 12. – Политические науки, – 1995, – № 3, 4;

3. *Афанасьев Н.Н.* Идеология терроризма // Социально-гуманитарные знания. 2002. № 1. - 234 с;

4. *Волков В.В.* Политический радикализм в исламе и национальная безопасность России: Автореф. дис... канд. полит.наук. - М., 2002. – 24 с.;

5. *Воронов И.В.* Основы политико-правового ограничения социально-политического экстремизма как угрозы национальной безопасности Российской Федерации: Автореф. дис... канд. полит.наук. - М., 2003. – 27 с.;

6. Закон Республики Таджикистан "О борьбе с экстремизмом" от 8 декабря 2003 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2003 г., №12, ст.697; 2007 г., №3, ст.158; Закон РТ от 27.11.2014 г., № 1146;

7. *Палачёва Л.* История экстремизма и виды экстремистских течений в современной России (краткий обзор современных исследований) / [Электронный ресурс]: URL: - (дата обращения 20. 06. 2016г.);

8. Политология. Энциклопедический словарь. М.: Московский коммерческий университет, 1993. – 431 с.;

9. Словарь русско-интернациональных слов с комментариями (на тадж. яз.) Душанбе: «Адиб». 1984. - 360 с;

10. *Филимонов Э. Г.* Христианское сектантство и проблемы атеистической работы. Киев: 1981. — 183 с.

11. Философский энциклопедический словарь. М. 1989. - 9625 с. [Электронный ресурс]: URL: http://www.psyoffice.ru/slovar-s296.htm (Дата обращения: 18.02.2016г.);

12. *Фридинский С.Н.* Борьба с экстремизмом: уголовно-правовой и криминологический аспекты / рост. Юрид. Ин-т. - Ростов н /д, 2004. - 195 с. [Электронный ресурс]: URL: http://cyberleninka.ru (Дата обращения: 18.02.2016г.);

13. *Фридинский С.Н.* Экстремизм как угроза национальной безопасности // Современные проблемы совершенствования законодательного обеспечения глобальной и национальной безопасности, эффективного противодействия международному терроризму: Сборник материалов международной научно-практической конференции. - Ростов-на-Дону: РЮИ МВД России, 2003. – 0,4 п.л.

14. *Шарипов Т.Ш., Сафаров Х.С.* Баъзе андешаҳо перомуни таносуби мафҳумҳои «экстремизм», «фундаментализм», «радикализм», «национализм» ва «сепаратизм» // Осори Академия (маҷаллаи илмӣ). № 4 (28). 2015. – 167 с.

# Проблемы незаконного собирания и распространения информации о частной жизни в уголовно-правовом контексте

# Проблемаҳои ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн намудани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ дар радифи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ

# Problems of illegal gathering and dissemination of information about the private life in the context of criminal law



**Хикматзода Дж.У.**
*преподаватель кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МДВ Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции*

***Аннотация:*** В статье автор раскрывает определение неприкосновенности, также затрагивает вопросы, связанные с понятием неприкосновенности частной жизни, раскрываются определения понятия «личная или семейная тайна лица».
***Ключевые слова:*** неприкосновенность, право, частная жизнь, личная или семейная тайна

***Аннотатсия:*** Дар мақола муаллиф мафҳуми дахлнопазирӣ, ҳамчунин, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ё сирри оилавирро баррасӣ намуда, кӯшиш кардааст, ки мафҳуми онҳоро кушода диҳад.
***Вожаҳои калидӣ:*** дахлнопазирӣ,ҳуқуқ, ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ё оилавӣ.

***Abstract***: In this article the author reveals the determination of immunity also covers issues related to the concept of privacy, reveal the definition of "personal or family secret person".
***Keywords***: integrity, right, privacy, personal or family secrets.

Право на неприкосновенность частной жизни – один из важнейших элементов правового статуса личности, во многом определяющий взаимоотношения человека с государством и с другими членами общества. Адекватное правовое регулирование данного права имеет принципиальное значение для обеспечения эффективности государственной власти, благосостояния общества и гражданина, свободного развития личности.

В соответствии со статьей 5 Конвенции о защите прав человека и основных свобод, каждый имеет право на свободу и личную неприкосновенность. Никто не может быть лишен свободы иначе как в случаях и в порядке, установленном законом [1].

В статье 5 Конституции Республики Таджикистан (далее - Конституция РТ) указано, что права и свободы человека являются высшей ценностью. Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны. Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством. В части 2 ст. 23

Конституции РТ установлено, что сбор, хранение, использование и распространение сведений о личной жизни человека без его на то согласия запрещаются [2].

Как отмечает А.В. Наумов, «существуют такие области прав и свобод граждан, на которые уголовный закон распространяет или пытается распространить свое действие исключительно в силу традиционно преувеличенного представления о его регулятивно - охранительных возможностях» [3, - С.17].

При этом законодатель четко не сформулировал определение понятия личной жизни человека, которые затрудняет применение данных норм и влечет ошибки в следственно-судебной практике. Провозглашение в международно-правовых актах и в Конституции РТ права личности на неприкосновенность личной жизни обусловило значимость проблемы определения понятий «частная жизнь», «личная жизнь» и «семейная тайна».

В современной таджикской юридической науке и в законодательстве, как и в международно-правовых документах, отсутствует единое понимание «права на неприкосновенность личной или частной жизни».

Законодательство Таджикистана, формулируя в ст. 144 Уголовного кодекса Республики Таджикистан (далее - УК РТ) состав преступления незаконного собирания или распространения сведений о частной жизни, составляющих личную или семейную тайну другого лица, без его согласия либо распространение таких сведений в публичном выступлении, произведении, средствах массовой информации или сети интернет если эти деяния совершены из корыстной или иной личной заинтересованности и причинили вред правам и законным интересам гражданина[4], не конкретизирует указанное понятие как частную жизнь, личную или семейную тайну. Это понятие не объясняется не только в УК РТ, но и не отсылает к другим правовым нормативным актам.

В российских научных трудах даются некоторые определения неприкосновенности, например: физическая неприкосновенность человека; духовная неприкосновенность; неприкосновенность частной и семейной жизни. Общей характеристикой всех личных прав является присутствие в их содержании такого важнейшего компонента, как "неприкосновенность".

Неприкосновенность означает, что отношения, возникающие в сфере частной жизни, не подвергаются интенсивному правовому регулированию. Профессор М.В. Баглай считает, что частную жизнь составляют те стороны личной жизни человека, которые он в силу своей свободы не желают делать достоянием других, это своеобразный суверенитет личности, означающий неприкосновенность ее "среды обитания" [5, - С.185-189]. Очень интересна позиция Г.Б. Романовского, который полагает, что частная жизнь охватывает круг неформального общения, вынужденные связи (с адвокатами, врачами, нотариусами и т.д.), собственно внутренний мир человека (личные переживания, убеждения, быт, досуг, хобби, привычки, домашний уклад, симпатии), семейные связи, религиозные убеждения [6, - С.94].

Итак, разберёмся, что входит в эти два понятия, ведь эти тайны являются элементом права на уважение частной жизни, за нарушение которого законом предусмотрена ответственность.

Чёткие определения рассматриваемых тайн в законодательстве отсутствуют. Но на основании судебной практики можно сделать следующее заключение:

Личную тайну образуют сведения:

– имеющие личный характер (об отношениях, причем обязательно в интимной сфере, привычках, событиях

в жизни, встречах, взглядах, пристрастиях, склонностях, физических недостатках, судимости, которая уже снята или погашена, психических и иных заболеваниях и др.);

– разглашение которых лицо считает неприемлемым и предпринимает усилия (меры) для сохранения тайны.

Тайна переписки и других сообщений может являться личной тайной тогда, когда само лицо считает определенную информацию тайной и заботится о сохранении их в конфиденциальности. Таким образом, можно сказать, что ведущей характеристикой понятия «личная тайна» является желание лица сохранить данные в секрете.

Из чего можно заключить, что личной тайной нельзя считать информацию, если:

- человек предпринял действия, чтобы сделать сведения общедоступными, и это было сделано по собственному желанию. Например, сведения ранее обнародованы самим гражданином, например в СМИ. В подобных случаях они уже не могут быть тайной;

– лицо обнародует сведения, поскольку этого требует законодательство.

Это, к примеру, сведения о доходе и имуществе лиц, претендующих на замещение государственных должностей, такая информация является открытой.

В отличии от личной тайны, «семейная тайна» касается нескольких членов семьи.

Итак, что же такое семейная тайна? Семейная тайна – это любые сведения о фактах и обстоятельствах, затрагивающих членов семьи, которые они договорились сохранять в конфиденциальности и предпринимают усилия для этого. Семейную тайну образуют сведения о фактах и обстоятельствах жизни как всей семьи в целом, так и любого из его членов, сведения имущественного характера, иные сведения, затрагивающие членов семьи, входящие в круг информации о частной, личной жизни.

Для того, чтобы сведения стали семейной тайной, нужно:

– чтобы члены семьи договорились хранить в секрете сведения от третьих лиц и даже от других членов семьи;

– чтобы члены семьи считали разглашение информации нежелательным;

– чтобы члены семьи предпринимали усилия (меры) для сохранения этой информации в конфиденциальности.

Как и с личной тайной здесь очень важен аспект сохранения сведений в секрете.

Поэтому семейной тайной не будет считаться информация, которую один из членов семьи – носителей тайны обнародовал, например, опубликовал в СМИ или предоставил государственным органам. После этого сведения перестают быть семейной тайной, но могут оставаться личной тайной того человека, который хранит их [6, - С.85].

Итак, мы определили, какие сведения можно и какие нельзя считать семейной или личной тайной. Обладая этими знаниями, мы сможем защитить и отстоять свои права и в тоже время не нарушить схожие права других лиц.

Таким образом, необходимо изменить статью 144 УК РТ, включив в статью примечание следующего содержания:

Под личной тайной понимаются сведения:

– имеющие личный характер (об отношениях, причем обязательно в интимной сфере, привычках, событиях в жизни, встречах, взглядах, пристрастиях, склонностях, физических недостатках, судимости, которая уже снята или погашена, психических и иных заболеваниях и др.);

– разглашение которых лицо считает неприемлемым и предпринимает усилия (меры) для сохранения тайны.

Семейная тайна – это любые сведения о фактах и обстоятельствах, затрагивающих членов семьи, которые они договорились сохранять в конфиденциальности и предпринимают для этого усилия. Семейную тайну образуют сведения о фактах и обстоятельствах жизни как всей семьи в целом, так и любого из его членов, сведения имущественного характера, иные сведения, затрагивающие членов семьи, входящие в круг информации о частной, личной жизни.

Для того, чтобы сведения стали семейной тайной, нужно:

– чтобы члены семьи договорились хранить в секрете сведения от третьих лиц и даже от других членов семьи;

– чтобы члены семьи считали разглашение информации нежелательным;

– чтобы члены семьи предпринимали усилия (меры) для сохранения этой информации в конфиденциальности.

**Использованная литература:**

1. Конвенция о защите прав человека и основных свобод, заключена в г.Риме 04.11.1950 года (с изм. от 13.05.2004 г.) // Электронный ресурс: http://hand-help.ru/documents/evrop_konv.html (дата обращения - 16.12.2016 г.).
2. Конституция Республики Таджикистан от 6.11.1994 года (с изменениями, принятыми в ходе референдума от 26.09.1999, 22.06.2003, 22.05.2016) // Электронный ресурс: http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/constitution/ (дата обращения – 13.12.2016).
3. Мозговой О. В. Понятие и сущность личной жизни человека на современном этапе развития общества и законодательства // Евразийский юридический журнал. № 4 (11). 2009.
4. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 28 мая 1998 г. // Законы РТ от 23.11.2015 г., №1228; от 25.12.2015 г., №1261; от 15.03.2016 г., №1274).
5. Баглай М.В. Конституционное право Российской Федерации: Учебник. - М.: Юр.Норма, НИЦ ИНФРА-М, 2015. - 768 с.
6. Романовский Г.Б. Право на неприкосновенность частной жизни. - М.: МЗ-Пресс, 2001. - 312 с.

# Оид ба масъалаи фаҳмиши принсипи адолати иҷтимоӣ дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

# К понятию принципа социальной справедливости в действующем законодательстве Республики Таджикистан

# On the concept of the principle of social justice in the current legislation of the Republic of Tajikistan



**Эмомалӣ Умарҷонӣ**
*Сардори маркази матбуотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, адъюнкти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*

***Аннотатсия***: Дар мақола муаллиф кӯшиш намудааст, ки мазмуни фаҳмиши адолати иҷтимоиро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян созад.
***Вожаҳои калидӣ:*** адолат, адолати иҷтимоӣ, қонун, милитсия, принсип, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷазо, қонунгузорӣ.

***Аннотация***: В статье автор попытался определить содержание понятия социальной справедливости согласно действующему законодательству.
***Ключевые слова:*** справедливость, социальная справедливость, закон, принцип, правонарушение, наказание, законодательство.

***Abstract***: In this article the author tries to define the content of the concept of social justice according to the law.
***Keywords***: justice, social justice, the law, the principle of the offense, the punishment legislation.

**Т**ибқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004 мақомоти милитсия фаъолияти худро дар асоси принсипи адолати иҷтимоӣ ба роҳ мемонад [1]. Муқаррароти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ибораи «адолати иҷтимоӣ» минбаъд ҳамчун истилоҳи ҳуқуқӣ бояд фаҳмида шавад. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ фаҳмидани моҳият ва мазмуни принсипи адолати иҷтимоӣ, ба фикри мо, барои ҳалли бисёр проблемаҳо ва пур кардани ҷойҳои холии ҳуқуқи амалкунанда, кумак расонда метавонад.

Ҳамзамон, бояд қайд карда шавад, ки то ба ҳол мафҳуми адолати иҷтимоӣ дар қонунгузории амалкунанда мавҷуд нест. Албатта, мавҷуд будани мафҳуми адолати иҷтимоӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо андешаи мо, сарҳади татбиқи онро, ки ин бисёр муҳим аст, муайян карда метавонад. Зеро мо мутлақан гуфта наметавонем, ки корманди милитсия наметавонад қарори ғайриқонуниро (бар хилофи

принсипи қонуният) бо баҳонаи адолати иҷтимоӣ қабул намояд ё қарори аз нигоҳи талаботи ҳуқуқи расмӣ дурустбударо, лекин аз нигоҳи талаботи адолати иҷтимоӣ, ғайриодилонаро қабул намояд.

Илова бар ин, набудани мафҳуми ягонаи адолати иҷтимоӣ ба фаҳмиши ҳархелаи он оварда мерасонад, ки ин ҳам дар амалия қолиби қабул буда наметавонад. Барои ҳамин, донистани сарҳади фаҳмиши ҳуқуқии адолати иҷтимоӣ ва фаҳмиши ягонаи он барои корманди милитсия ҳангоми фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ аз аҳамият холӣ нест.

Аммо, бо қавли Е.М. Орач, баръакс, «ҳамчун ҳуқуқ баррасӣ намудани адолат – маънои маҳдуд кардани доираи амали адолатро дорад» [2, - С.9]. Шаҳодати ин суханонро, масалан, дар моддаи 11 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» аз 31 декабри соли 2008 дидан мумкин аст, ки дар он чунин оварда шудааст: «Ҷазои маъмурӣ ва чораҳои таъминкунандаи истеҳсолоти парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки нисбати шахси воқеӣ ё ҳуқуқии содирнамудаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мешавад, бояд одилона сурат гирад, яъне ба хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳолатҳои содир намудан ва оқибатҳои бавуҷудомадаи он, шахсияти гунаҳгор ва эътибори кории шахси ҳуқуқӣ мувофиқ бошанд [3].

Чунин мафҳуми адолат, албатта, фаҳмиши маҳдудро дар доираи татбиқи ҷазои маъмурӣ муқаррар мекунад. Аммо адолати иҷтимоӣ, ба фикри мо, на танҳо дар доираи раванди адолати судӣ, инчунин дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҳаррӯзаи инсонӣ ҳам зоҳир гашта метавонад. Масалан, Ш. Абд ал-Манам исломро ҳамчун консепсияи адолати иҷтимоӣ баррасӣ намуда, аксаран онро дар муносибатҳои истеҳсолӣ низ ба кор мебарад [4, - С.291]. Ба ин маъно, адолати иҷтимоӣ баробарии ҳамаро ва имконоти баробар доштани ҳамаро дар раванди истеҳсолот ва аҳзуд кардани натиҷаҳои онро дар назар дорад.

Ф.С. Хайруллоев бошад, муҳиммияти дарки арзишҳои олии диниро, ки ҷойи марказии онҳоро мафҳуми адолат ишғол мекунад, дар мубориза бар зидди хатарҳои нав, ки ба тамоми башарият таҳдид мекунанд, ба мисли терроризму экстремизм аз аҳамият холӣ намебинад [5, - С.6].

Барои муайян намудани ҳолати ҳақиқии кор, ки то кадом андоза дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаботи адолати иҷтимоӣ ба инобат гирифта мешаванд, зарурат ба гузаронидани таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд.

Тибқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» аз 13 декабри соли 1997 [5] кумакпулии яквақта бинобар таваллуди кӯдак ба андозаи зерин таъин мешавад: ҳангоми таваллуди кӯдаки якум – ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо [6]; ҳангоми таваллуди кӯдаки дуюм – ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм ва зиёда – ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Албатта, дар ҳамин ҷой савол ба миён омада метавонад, ки барои чӣ бо таваллуди кӯдаки навбатӣ андозаи кумакпулӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кам мегардад? Оё ин маънои онро надорад, ки давлат таваллуд, фарзандӣ ва зиёдшавии аҳолиро дастгирӣ ва ҳавасманд намекунад? Барои дарки ин масъала ва ҷавоб гирифтан ба саволҳои дар боло гузошташуда, зарур меояд, ки ба таърихи начандон дури худ рӯй биёрем.

Бояд хотирасон кард, ки дар даврони шӯравӣ тибқи фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 25 ноябри соли 1947 [7]*, ки ҳатто то пош

* Тибқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба 40 сомонӣ баробар мебошад.

хӯрдани ИҶШС амал мекард, ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм модар кумакпулии яквақта - ба андозаи 20 рубли шӯравӣ [8]; ҳангоми таваллуди кӯдаки чорум – ба андозаи 65 рубли шӯравӣ, инчунин кумакпулии ҳармоҳа – ба андозаи 4 рубли шӯравӣ; ҳангоми таваллуди кӯдаки даҳум кумакпулии яквақта – ба андозаи 175 рубли шӯравӣ, инчунин кумакпулии ҳармоҳа дар давоми 4 соли оянда – ба андозаи 12 рубл ва 50 тини шӯравӣ мегирифт.

Чи тавре, ки дида истодаем ҳукумати ИҶШС бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандии бисёрфарзандӣ барои таваллуди кӯдаки навбатӣ андозаи кумакпулиҳои оилавиро зиёд мекард. Аммо, дар баробари ин, бояд фаромӯш накард, ки дар рафти Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ИҶШС нисбат ба дигар давлатҳое, ки ба ин ҷанг фаро гирифта буданд, аз ҳама зиёд - зиёда аз 25 млн. аҳолиро талаф дода буд. Аз ин хотир, яке аз вазифаҳои ҳукумати шӯравӣ ба дастгирӣ ва ҳавасмандии таваллуд, пурзӯр намудани ҳифзи модарӣ ва фарзандӣ равона шуда буд, ки чунин фаъолият дар доираи фаҳмиши адолати иҷтимоии ҳамон давра фаҳмида мешуд. Ҳатто, тибқи Фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС аз 21 ноябри соли 1941, ки дар таҳрири нав аз 8 июли соли 1944 [9]* амал мекард, андоз барои муҷаррадон, шаҳрвандони танҳо ва бефарзанди ИҶШС муқаррар шуда буд, ки танҳо тибқи Қонуни ИҶШС «Дар бораи давра ба давра бекор кардани андоз ба муҷаррадон, шаҳрвандони танҳо ва камфарзанд» аз 23 апрели соли 1990 [10], аз 1 январи соли 1993 бекор гардид.

Гарчанде ки бо андешаи баъзе олимон санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло нишондодашуда дар баъзе қисмҳояш берун аз талаботи адолати иҷтимоӣ буданд, аммо, мо боварии комил дорем, ки ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавонистанд, ки масъалаҳои афзалноки ҳамон давраро (мисол, зиёдшавии аҳолӣ ва диг.) ҳал намоянд.

Чунин тарзи ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ, ҳатто дар таърихи ниёгони мо мушоҳида мешавад. Масалан, дар Авесто омадааст: «Марде, ки ҳамсар дорад, аз марде, ки муҷаррад ва бефарзанд мебошад, афзалтар аст» [11, - С.161-162].

Барои ҳамин, бо боварии комил ҷавоб додан мумкин аст, ки Тоҷикистон таваллуд, фарзандӣ ва зиёдшавии аҳолиро дастгирӣ ва ҳавасманд мекунад. Дар моддаҳои 33 ва 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад ва модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор додааст.

Ҳамзамон, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо дигар масъалаҳои мубрам афзалият доранд, ки, ба андешаи мо, онҳо бояд аз ҷониби муҳаққиқон дар доираи адолати иҷтимоӣ баррасӣ ва фаҳмида шаванд, масалан, масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзандон, устувор намудани оила, бунёди муносибатҳои оилавӣ дар асоси муҳаббат ва эҳтироми якдигар, дастгирӣ ва ҷавобгарии тамоми аъзоёни оила дар назди якдигар ва оила, исроф накардани даромади оила ва оқилона сарф намудани он ва ғайра. Ҳалли масъалаҳои номбурда, пеш аз ҳама, бо мақсади таъмин намудани амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва пойдор намудани сулҳу субот дар давлати азизамон роҳандозӣ карда мешаванд, ки бе ягон дудилагӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳар яки аз ин мақсадҳо моҳияти адолати иҷтимоиро дорад.

Бо ақидаи мо, принсипи адолати иҷтимоӣ дар фаъолияти мақомоти милитсия, бештар дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила мушоҳида мешавад. Зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013 [12] салоҳияти мақомоти милитсияро дар

* Бонки давлатии ИҶШС курси расмии рубли шӯравиро нисбат ба дигар асъор муқаррар мекард, ҳамин тариқ, таърихи 25 декабри соли 1991 - 1 доллари ИМА ба 0,5571 рубли шӯравӣ, 1 фунт стерлингҳо ба 1,0389 рубли шӯравӣ баробар буд.

самти мазкур хеле васеъ муайян намудааст, ки чунин ҳолат аз нигоҳи талаботи адолати иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки корманди дахлдори мақомоти милитсия (мисол, сардори ШВКД, муовини ӯ, нозири милитсия оид ба кори пешгирии зӯроварӣ дар оила, нозири минтақавии милитсия) ё мақомоти судӣ баъди ошкор намудани сабаб ва шароитҳои барои зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда, бо назардошти вазъи оилавӣ, вазъи иқтисодии оилавӣ ва ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарӣ барои таъсиррасонии мақсаднок ба шуур ва рафтори шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда, ҷиҳати пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби ӯ ва таъмини амнияти ҷабрдида нисбати ҳуқуқвайронкунанда чораҳои хусусияти тарбиявӣ ё чораҳои ҷазои маъмурӣ, ки нисбати чораҳои ҷазои ҷиноятӣ сабуктаранд, татбиқ карда метавонанд.

Муҳим дар гуфтаҳои боло он аст, ки фаҳмиш ва татбиқи адолати иҷтимоӣ аз ҷониби корманди милитсия набояд аз талаботи қонунгузории амалкунанда берун барояд. Масалан, бо назардошти вазъи вазнини иқтисодии оилаи камбизоат, бо андешаи мо, нисбати зӯровар набояд чораи ҷазои маъмурӣ ё ҷиноӣ дар намуди ҷарима таъин гардад. Чунки дар шароити имрӯза зарурати сарф намудани маблағи пулӣ барои таълим ва тарбияи фарзандон ё барои таъмини оила бо нафақа бисёртар эҳсос карда мешавад. Ҳамзамон, дуруст мешавад, агар нисбати зӯровар, дар чунин ҳолат, тибқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар доираи амрномаи муҳофизатӣ манъ кардани ҳама гуна зӯроварӣ нисбати ҷабрдида чораҷӯӣ карда шавад.

Дар баробари ин, нисбати ҳуқуқвайронкунанда аз оилае, ки камбизоат ҳисоб намешавад, таъин намудани ҷазои маъмурӣ ё ҷиноӣ дар намуди ҷарима аз аҳамият холӣ буда наметавонад. Аммо зарур аст, ки корманди милитсия дар интихоби ин ё он чораи ҷазо ё чораи фардии пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкунӣ ғаразнок набошад, зеро ғарази корманди милитсия ба имиҷи мақомоти милитсия зарар мерасонад.

Ба андешаи мо, ба ин масъала, яъне имиҷи милитсия, бетараф шудан лозим нест, чунки яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ислоҳоти милитсия бояд ҳал намояд – ин ташаккул додани имиҷи боэътимоди милитсия (политсия) мебошад, ки он боварии халқ ва ҷомеаро зиёд намояд.

Бо назардошти ин, фаъолияти мақомоти милитсия ҳангоми татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ, бештар, дар раванди қабули қарор, санади ҳуқуқтатбиққкунанда, ки ҳуқуқ ва уҳдадорӣ, чораҳои ҳавасмандӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, аз рӯи шакл ва моҳияти худ боадолат бошанд.

Ҳамин тариқ, **якум**, мазмуни адолати иҷтимоӣ вобаста ба вақту замон тағйирёбанда буда, он аз мақсадҳои дар пешистодаи давлат, ки барои ҳалли проблемаҳои аввалиндараҷа ва афзалноки иҷтимоӣ равона мешаванд, ташаккул меёбад; **дуюм**, адолати иҷтимоӣ дар ин ё он соҳаи ҳуқуқ мазмуни хосаи худро дошта метавонад; **сеюм**, бо мақсади ҷой надоштани фаҳмиши ҳархелаи адолати иҷтимоӣ, он набояд характери субъективӣ дошта бошад; **чорум**, адолати иҷтимоӣ вазифаи аз байн бурдани фаҳмиши ғалат дар бораи имиҷи милитсия иҷро мекунад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 352; соли 2006, №3, мод.148; соли 2007, №7, мод.663, соли 2008, №6, мод.450; соли 2009, №12, мод. 820; с. 2011, №3, мод. 156; №6, мод. 438; №12, мод. 835;Қонун ҶТ аз 03.074.2012с., №842; аз 01.08.2012с., №884,ҚҶТ аз 28.12.12с.№930, ҚҶТ аз 19.03.2013с. №940, 941.
2. Орач Е.М. Социалистическая справедливость как принцип советского права и ее роль в развитии советской

демократии // Тезисы докладов и научных сообщений на межвузовской теоретической конференции на тему: Роль права в развитии социалистической экономики и демократии на современном этапе. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1966.

3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №12, қисми 1, мод. 989, 990; соли 2009, №5, мод.321; №9-10, мод.543; с. 2010, №1, мод.2, 5; №3, мод.153; №7, мод.547; №12, қ1, мод.812; с. 2011, №6, мод. 430; мод 431; №7-8, мод. 610; №12, мод. 838; Қонуни ҶТ аз 03.07.2012с,№835; №843; Қонуни ҶТаз 01.08.2012с, № 877; Қонуни ҶТ аз 28.12.12с. №910, ҚҶТ аз 19.03.2013с. №938, ҚҶТ аз 22.07.2013с. №980.

4. Жданов Н.В. Исламская концепция миропорядка. - М.: Международные отношения, 2003. – 568 с.

5. Хайруллоев Ф.С. Принцип справедливости в исламском праве: Монография. - Душанбе: РТСУ, 2017. – 160 с.

6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон, соли 1997, № 23-24, мод. 350; соли 2003, № 8, мод. 458; соли 2006, №4, мод. 200; соли 2007, №3, мод. 177; №7, мод. 694; соли 2008, №10, мод.821; Қонуни ҶТ аз 16.04.2012с., №824; Қонуни ҶТ аз 01.08.2012с, №893.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» аз 25 ноябри соли 2015 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №11, мод. 978; Қонуни ҶТ аз 09.06.2016 с., № 1321; аз 04.07.2016 с., № 1322.

8. Ведомости Верховного Совета СССР. – М., 1947. № 41.

9. Захираи электронӣ: https://ru.wikipedia.org/ (Санаи муроҷиат - 05.10.2016).

10. Ведомости Верховного Совета СССР. – М., 1944. № 37.

11. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. – 488 с.

12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 197.

***ТАРТИБИ***
***ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛАҲО ДАР МАҶАЛЛАИ***
***ИЛМИИ «ОСОРИ АКАДЕМИЯ»***

Маҷалла тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Маҷаллаи илми «Осори Академия» нашрияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фарогирандаи имлҳои ҳуқук, политология, информатика, техникаи баҳисоббарорӣ ва идоракунӣ мебошад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии ҳайати профессорону олимон, омӯзгорони Академияи ВКД ва олимони ватаниву хориҷӣ ва мутахассисони ҷавони соҳаи тааллуқдоштаи маҷалла, нашр карда мешаванд.

Маблағи нашр аз ҳисоби Академия пардохт мешавад.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар як сол 4 маротиба нашр мешавад.

*Талаботи мазкур ҳамчун намуна ба мақолаҳое, ки дар «Осори Академия (Труды Академии)» нашр мешаванд, дахл дорад. Дар он талабот оид ба тарҳбандии тавсифи библиографӣ, инчунин, намунаи тартиб додани вожаҳои калидӣ ва маълумот дар бораи муаллифон оварда шудааст.*

*Аннотатсия ба забони давлатӣ (тоҷикӣ)*

*Аннотатсия ба забони русӣ*

*Аннотатсия ба забони англисӣ**

1. Мақола дар як нусха бо имзои муаллиф (-он) дар тарафи дигари якум саҳифаи андозаи А4 (210х297 мм) дар принтери лазерӣ чопшуда, пешниҳод карда мешавад.

2. Мақола бояд бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дошта бошад.

3. Ба мақола рӯйхати вожаҳои калидӣ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, ки бештар мавзӯи онро тавсиф мекунанд, замима мегардад. Мутобиқи мавзӯи мақола муаллиф УДК-и онро нишон медиҳад.

4. Ба мақола бояд маълумот дар бораи муаллифон ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ишораи Н.Н.П., ҷойи кор (номи ташкилот), вазифаи ишғолкарда, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ ва суроғаи почта (хизматӣ ва шахсӣ), ҳамчунин суроғаи электронӣ замима шаванд.

5. Мақола бояд бо расми муаллиф (-он) бо чунин параметрҳо: андоза **- *. tif**, на зиёда аз **240 dpi** (нуқта ба дюйм), ҳаҷми ғунҷойиш — **4,5 х 6 см**; ному насаби муаллиф ба файл ҳамроҳ карда шавад, *мисол:* Раҷабов Н.. **tif.**

6. Шакли электронии мақола дар намуди файли MS Word дар андозаи ***. doc** бояд ба шакли чопшудаи он мутобиқат кунад ва маълумотҳои дар боло қайдшударо оид ба муаллиф (-он) ва вожаҳои калидиро дар бар гирад. Файл бояд дорои ному насаби муаллиф (-он) бошад, *мисол:* Раҷабов Н. **doc**, Раҷабов-Собиров. **doc.**

**7. Ба мақола ҳуҷҷатҳои зерин ҳамроҳ мегарданд:**

- иқтибос аз протоколи ҷаласаи кафедра (дар сурати будани он аз ҷойи кори муаллиф) бо тавсия барои чоп;

- хулосаи экспертӣ дар бораи надоштани маълумоти барои чопи оммавӣ манъшуда, бо мӯҳри нишонии муассиса тасдиқшуда;

* Аннотатсияҳоро муаллиф (ё муаллифон) омода менамояд ва ҳатман оварда мешаванд.

- тақризи беруна (нисбати ҷойи кори муаллиф), аз ҷониби мутахассис омодашуда, ки бандубасти илмӣ тибқи самти мазкур бо мӯҳри нишонии муассиса тасдиқшуда;

8. Ҳаҷми мақола набояд аз меъёр зиёд бошад:

- доир ба самти «Илмҳои ҳуқуқ», «Илмҳои сиёсатшиносӣ» **- 12 саҳ.;**

- доир ба самти «Информатика, техникаи ҳисоббарорӣ ва идоракунӣ» **- 9 саҳ.;**

9. Мақола дар самти «Информатика, техникаи ҳисоббарорӣ ва идоракунӣ» ҳатман бояд сохтор дошта бошанд, фаслҳои алоҳидаи мақола бояд дорои номгӯй бошанд, ҳамчунин:

- сарсухан, ки дар он муҳимияти мавзӯъ тавсиф мешавад;

- фаслхое, ки дар он натиҷаҳои дабастомада ва навовариҳои он тавсиф мешавад;

- хулосаҳое, ки дар он ё ҷамъбаст ва ё тадқиқоти давоми самт оварда шудааст;

10. Ҳама ҳошияҳо дар саҳифаҳо бояд якхела ва баробар ба **25 мм** бошад. Рақамҳои саҳифаҳо гузошта намешаванд.

11. Мақола бояд бо ҳуруфчинии ҳуруфи муқаррарӣ, дар шакли электронӣ бо гарнитураҳои Times New Roman Tj, Times New Roman бо фосилаи байнисатрии ягона (одинарный). сархат бояд **1,25 см**. бошад.

12. Кегл (ҳаҷми ҳарф) ҳуруфи асосӣ бояд баробар барои бошад:

- барои мақола дар самти «Илмҳои ҳуқуқ», «Илмҳои сиёсатшиносӣ» **- ҳаҷми ҳуруф 14;**

- барои мақола дар самти «Информатика, техникаи ҳисоббарорӣ ва идоракунӣ», **- ҳаҷми ҳуруф 12** (аз он ҷумла - дар формулаҳо, бо ёрии муҳаррири формулии MS Equation омодашуда).

13. Расмҳо ва ҷадвалҳо (ҳаҷми ҳуруфи истифодашаванда **- 12**) бояд дар матн пас аз сархат, ки дорои истинод ба мақола аст, ҷойгир карда шаванд.

14. Номи мақола ба тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ҳуруфи **сиёҳ** ва **БО ҲАРФҲОИ КАЛОН** бе сархат ва дар мобайни матн ҳуруфчинӣ карда мешавад.

15. Ҳаҷми воҳидҳои чисмӣ бояд ба системаи воҳидҳои СИ мутобиқат намоянд. Номгӯи унсурҳои химиявӣ дар матн пурра навишта мешаванд.

16. Формулаи бо ёрии муҳаррири формулавӣ MS Equation омода шаванд. Рақамгузории формулаҳо бо рақамҳои арабӣ дар қавсҳои нимдоира, оварда мешаванд, *масалан:*

$$A = B + C: (2K2 + n3). (1)$$

17. Рақамгузории ссылок ба адабиётҳо бо рақамҳои арабӣ дар қавсҳои квадратӣ оварда мешаванд, *масалан:* «К.Ҳ.Солиев дар ин самт тадқиқоти илмӣ гузаронида, тасниф намудааст, ки …. [2]».

18. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки ба он муаллиф такя мекунад, дар охири мақола оварда мешавад. Поварак (ҳам дар дар зери ҳар саҳифа ва ҳам охири ҳар мақола) иҷозат дода намешавад.

Ҳангоми ба эътибор нагирифтани талаботҳои дар боло зикр гардида, дастхатҳои мақолаҳо ба чоп қабул карда намешаванд ва барои коркард намудан ба муаллифон баргардонида мешаванд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.

Дастхатҳои мақола баргардонда намешаванд.

## *П о р я д о к*
## *ПРИНЯТИЯ И ОПУБЛИКОВАНИЯ СТАТЕЙ В НАУЧНОМ ЖУРНАЛЕ «ТРУДЫ АКАДЕМИИ»*

Журнал издается на основании требований Закона Республики Таджикистан «О печати и других средствах массовой информации».

В научном журнале «Труды Академии» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по юридическим наукам, политологии, информатике, вычислительной технике и управлению.

В журнале издаются результаты научно-исследовательских работ профессорско-преподавательского состава Академии МВД, а также работы отечественных и зарубежных ученых и молодых специалистов в соответствующих тематике журнала областях.

Оплата издания производится за счет Академии МВД.

Журнал издается на русском, таджикском и английском языках с периодичностью 4 раза в год.

*Настоящая инструкция одновременно является примером оформления статьи, подготовленной в «Осори Академия (Труды Академии)». В ней содержатся требования, предъявляемые к форматированию текста, оформлению библиографического описания, а также примеры составления ключевых слов и сведений об авторах.*

***Аннотация на государственном (таджикском) языке***

***Аннотация на русском языке***

***Аннотация на английском языке****

1. Статья представляется в одном экземпляре, заверенной подписью автора (-ов) с обратной стороны первой страницы, отпечатанном на одной стороне листов формата А4 (210х297 мм) на лазерном принтере.

2. Статья должна быть снабжена аннотациями и списком литературы на таджикском, русском и английском языках.

3. К статье должны быть приложены сведения об авторах на таджикском, русском и английском языках с указанием Ф. И. О., места работы (название организации), занимаемой должности, учёной степени, учёного звания и полного почтового (служебного и домашнего) адреса, а также адреса электронной почты.

4. Статья должна быть снабжена фотографией автора (-ов) со следующими параметрами: формат **- *. tif**, разрешение не менее **240 dpi** (точек на дюйм), физический размер - **4,5 х 6 см**; содержать в названии файла фамилию автора, *например:* Раджабов Н.. tif.

5. К статье также прилагается список ключевых слов на таджикском, русском и английском языках, наиболее полно характеризующий её тематику. В соответствии с тематикой статьи автором указывается её УДК.

6. Предоставляемая электронная версия статьи в виде файла MS Word в формате ***. doc** должна соответствовать распечатке и включать вышеперечисленные сведения об авторе (-ах) и ключевые слова. Файл должен содержать в названии фамилию автора (-ов), *например:* Раджабов Н. doc, Раджабов-Собиров. doc.

7. К статье прилагаются следующие сопроводительные документы:

1) выписка из протокола заседания кафедры (при ее наличии по месту работы автора) с рекомендацией к опубликованию;

2) экспертное заключение об отсутствии сведений, запрещенных к опубликованию в открытой печати, заверенное гербовой печатью учреждения;

* Аннотации составляются автором (или авторами) и приводятся в обязательном порядке.

3) внешняя (по отношению к месту работы автора) рецензия, подготовленная специалистом, имеющим соответствующую научную квалификацию в данной области, заверенная в установленном порядке.

8. Объём статьи не должен превышать:

- по направлениям «Юридические науки», «Политология» - **12 стр**.;
- по направлениям «Информатика, вычислительная техника и управление» - **9 стр**.

9. Статьи по направлениям «Информатика, вычислительная техника и управление» должны быть обязательно структурированы, отдельные разделы статей иметь подзаголовки, в том числе:

- введение, в котором обосновывается актуальность работы;
- разделы, в которых описываются полученные результаты и их новизна;
- заключение, содержащее выводы и / или направления дальнейших исследований.

10. Все поля на страницах должны быть одинаковы и равны **25 мм**. Номера страниц не проставляются.

11. Статья должна быть набрана шрифтом нормальной жирности, прямого начертания гарнитуры Times New Roman Tj, Times New Roman и с одинарным межстрочным интервалом. Абзацный отступ должен быть одинаков и равен **1,25 см**.

12. Кегль (размер) основного шрифта должен быть равен:

- для статей по направлениям «Юридические науки», «Политология» - **14 пунктов**;
- для статей по направлениям «Информатика, вычислительная техника и управление» - **12 пунктов** (в т. ч. - в формулах, подготовленных при помощи формульного редактора MS Equation).

13. Рисунки и таблицы (кегль используемого шрифта - **12 пунктов**) должны быть размещены в тексте после абзацев, содержащих ссылки на них.

14. Название статьи набирается на таджикском, русском и английском языках **полужирным шрифтом ЗАГЛАВНЫМИ БУКВАМИ** без абзацного отступа и располагается по центру относительно полосы набора.

15. Единицы физических величин должны соответствовать системе единиц СИ. Названия химических элементов в тексте пишутся полностью.

16. Формулы подготавливаются при помощи формульного редактора MS Equation. Нумерация формул осуществляется арабскими цифрами в круглых скобках, выровненными по правому краю текста, *например*:

$$A = B + C: (2K2 + n3). (1)$$

17. Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в квадратных скобках, *например*: «Как отмечено К.Х.Солиевым, данная категория преступлений …[2]».

18. Список использованной литературы, на которую ссылается автор, приводится в конце статьи. Сноски (как внизу каждой страницы, так и в конце статьи) не допускаются.

При несоблюдений вышеперечисленных требований, статьи не принимаютя к опубликованию и возвращаются авторам на доработку.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Рукописи статей авторам не возвращаются.

**БАРОИ ҚАЙДҲО**

*734024, ш. Душанбе, кӯчаи Восеъ, 123*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*734024, г. Душанбе, улица Восе, 123*
*Академия МВД Республики Таджикистан*

***Тел.: + (992 37) 226-60-48***
***Факс: + (992 37) 226-60-43***

Ба матбаа 27.12.2016 таҳвил гардид. Чопаш 28.12.2016
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 28. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 4 . Нархаш шартномавӣ.

Дар Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст
734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.

ISSN 2412-141X
9 772412 141008